Пардохти андозҳо - нишонаи
бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№35 (1184)

Панҷшанбе,
29 августи соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли
1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


# Насбу истифодаи POS-терминалҳои электронӣ




БАҚАЙДГИРӢ



## Зиёд шудани шумораи коргарони кироя

Назорати қатъӣ – омили муҳими пешгирии қонунвайронкунӣ

с. 10

ПРЕЗИДЕНТ



## Марҳалаи саноатикунонии босуръати кишвар

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар арафаи таҷлил аз 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 27 август дар шаҳри Душанбе як қатор корхонаҳои саноатиро мавриди истифода қарор дода, бо раванди истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо ва шароити фаъолияти коргарон аз наздик шинос гардиданд.

с. 2

ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ

## Тадбирандешӣ баҳри коҳиши қарзи андоз



Тадбирҳо ҷиҳати пешгирӣ намудани афзоиш, давра ба давра кам кардани бақияи қарзи андозҳо

с. 6

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

## Бақайдгирии субъектҳои хоҷагидор

с. 13

## ПУРСИШНОМА

вобаста ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав




с. 13

# Марҳалаи саноатикунонии босуръати кишвар

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар арафаи таҷлил аз 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 27 август дар шаҳри Душанбе як қатор корхонаҳои саноатиро мавриди истифода қарор дода, бо раванди истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо ва шароити фаъолияти коргарон аз наздик шинос гардиданд.**



## «Зари тоҷик»-и ҶСК «Равшан»

Бо ташаббуси роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тавассути ҷалби сармояи мустақим имрӯзҳо бунёди як силсила корхонаҳои саноатӣ вусъат ёфта, ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба ин васила беҳтар намудани некӯаҳволии сокинони пойтахт чораҳои мушаххас амалӣ гардида истодаанд.

Коргоҳи заргарии «Зари тоҷик» дар заминаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Равшан», ки соли 2012 бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд бо мақсади коркарди ашёи хоми ватанӣ ба истифода дода шуда буд, фаъол гардонида шудааст.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ошёнаи якуми бинои коргоҳи «Зари тоҷик» нахуст аз гӯшаи намоиши маҳсулоти тайёри заргарон дидан намуданд.

Коргоҳ аз 5 сех, аз ҷумла механикӣ – барқӣ, рехтагарӣ, зарҳалдиҳӣ, рассомию дизайнерӣ, басту банд ва заргарӣ иборат аст.

Дар коргоҳ, асосан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз тиллою нуқра, латун, сангҳои гуногуни қиматбаҳо, ки аз конҳои кӯҳҳои аз ҷиҳати канданиҳои фоиданок бойи Тоҷикистон дастрас карда мешавад, ба роҳ монда шудааст.

Дар ин ҷо баробари маҳсулоти тайёри ороишӣ барои занону бонувон ҳамчунин дар асоси фармоиши мизоҷон истеҳсоли ҳайкалчаҳои гуногун, нишонҳои сарисинагӣ, ашёи рӯзгор ва як қатор маҳсулоти дигари заргарӣ бо истифода аз нақшу нигори хоси миллӣ омода карда мешаванд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раванди истеҳсолот дар ин корхона, ки асосан, бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла Канада, Италия ва Чин ба роҳ монда шудааст, таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Бо дарназардошти фаровонии ашёи хом, яъне тиллою нуқра ва металлу сангҳои қиматбаҳо дар Тоҷикистон ва ҳам талаботи зиёд дар бозори дохилу хориҷи мамлакат ба ороишоту ҷавоҳирот ба роҳбарияти корхона дастур доданд, ки заминаи истеҳсоли маҳсулоти заргариро боз ҳам афзун ва шумораи коргаронро зиёд намоянд.

Дар Коргоҳи заргарии «Зари тоҷик» дар як моҳ 3 килограмм тилло ва 5 килограмм нуқра коркард ва аз онҳо маҳсулоти ниҳоии ороишӣ ва дигар ашёи зарурии рӯзгор, аз ҷумла армуғонҳо барои бозори дохилӣ омода мегарданд.

Дар маҷмӯъ, иқтидори коркарди ин коргоҳи нави саноатӣ дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе дар як сол ба 36 килограмм тилло ва 60 килограмм нуқра баробар аст ва масъулон мегӯянд, ки баробари бо иқтидори пурра ба роҳ мондани фаъолият ин нишондод боз ҳам бештар карда шуда, шумораи ҷойҳои корӣ низ боло бурда хоҳад шуд.

Ёдовар мешавем, ки феълан раванди тадбирҳои ободонию созандагӣ дар пойтахти мамлакат — шаҳри Душанбе барои истиқболи бошукӯҳи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама самтҳо идома дорад. То соли 2021 бо дарназардошти талаботи аҳолӣ ва афзоиш бахшидани иқтидори содиротии мамлакат баробари 3500 иншооти дорои таъйиноти гуногун бунёди корхонаҳои нави саноатӣ бо роҳандозии истеҳсоли молу маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир дар онҳо ба нақша гирифта шудааст, ки дар марҳалаи аввал беш аз 3000 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин хоҳанд гардид.

## Корхонаи истеҳсоли обҳои ташнашикан ва маҳсулоти машруботии «Сиёма»

Корхонаи мазкур дар доираи дастуру ҳидоятҳои Роҳбари давлат аз ҷониби ҶДММ «Авесто Гурӯҳ» бунёд ёфта, имконият дорад, ки дар як сол ба ҳисоби як басти корӣ 33 миллион литр обро истеҳсолу ба харидорон пешниҳод намояд. Иншооти мазкур бо муосиртарин хатҳои истеҳсолӣ таъмин гардида, сифати ҳамаҷонибаи маҳсулоти омодашударо дастгоҳҳои насбшуда таъмин хоҳанд кард. Ба иттилои масъулон технологияи насбшудаи корхонаи мазкур истеҳсоли ширкати маъруфи «Сидел»-и Фаронса буда, он дар асоси стандартҳои муосири байналмилалӣ фаъолият мекунад. Муҷаҳҳазсозии Корхонаи истеҳсоли обҳои ташнашикан ва маҳсулоти машруботии «Сиёма» -ро мутахассисон аз ҷумҳуриҳои Фаронса, Италия, Лаҳистон, Чехия, Россия, Сербия, Мексика, Аргентина ва Испания анҷом дода, технологияи «Сидел» пурра ба тоҳри автоматӣ фаъолият менамояд.

Тавре ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, дар корхона диққати аввалиндараҷа ба сифати маҳсулоти истеҳсолшуда зоҳир гардида, хати истеҳсолӣ бо филтри тозакунии чорзинагӣ таъмин мебошад. Аз ҷумла барои таъмини сифати хуб ва мутобиқсозии он ба талаботи ҷории байналмилалӣ об аз филтрҳои кварсӣ, карбонӣ, керамикӣ ва ионикунӣ гузаронида мешаванд. Дар ин баробар ҷиҳати таъмини бехатарии маҳсулот ва ҳифзи саломатии истеъмолкунанда низоми азоникунанда низ дар корхонаи тозабунёд истифода карда мешавад, ки тадбирҳо сифати ҳамаҷонибаи маҳсулотро таъмин хоҳад кард.

Истеҳсоли обҳои газнок, бегаз ва обҳои хуштаъм дар зарфҳои пластикӣ ва шишагии гуногунҳаҷм ба роҳ монда шуда, намуди зоҳирӣ ва сифати он ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Ба фаъолият оғоз намудани корхонаи мазкур имконият медиҳад, ки минбаъд дар ин ҷо на танҳо маҳсулоти воридотивазкунанда, балки ба содирот нигаронидашуда низ истеҳсол карда шавад, зеро ин корхона аз рӯи стандартҳои эътирофгардидаи ҷаҳонӣ фаъолияти худро роҳандозӣ кардааст.

Ба иттилои масъулон ҳангоми васлу насби хати истеҳсолӣ дар асоси қарордодҳои баимзорасидаи Ширкати “Авесто Гурӯҳ” ва “Сидел”-и Фаронса мутахассисони маҳаллӣ аз курси омӯзишӣ гузашта, тартиби истифодабарии технологияро пурра аз худ намуда, феълан мустақиман идораи фаъолияти хати истеҳсолиро амалӣ месозанд.

Хати технологии истеҳсоли маҳсулоти машруботӣ аз давлатҳои Аврупо, бахусус аз ширкатҳои машҳури “Altec”-и Чехия ва “STM”-и Лаҳистон, инчунин аз “ЗавКом Инжиниринг”-и Федератсияи Россия фармоиш дода, пурра васлу насб карда шудааст. Бо мақсади пешниҳоди маҳсулоти аъмосифат лабораторияи муосир бо таҷҳизоти замонавӣ, бахусус муайянкунандаи зичии дараҷаи машрубот аз ширкати австриягӣ таъмин гардидааст, ки дар айни замон дар ҳудуди Осиёи Марказӣ қиёс надорад. Машруботи дар ин корхона истеҳсолшаванда, асосан, барои содирот пешбинӣ шудааст.



Оби истеҳсолшавандаи «Сиёма» аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ манфиатовар буда, муаррифгари кишвари маҳбубамон дар арсаи байналмилалӣ шуда, содироти минбаъдаи он метавонад манфиати хуби иқтисодӣ оварад. Ҳамзамон, фаъолияти корхона ба амалигардии «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» мусоидат хоҳад кард.

Бино ба таъкиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи ҷашни 28-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз намудани коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсоливу хизматрасонӣ нишонаи пешрафти босуботи иқтисоди миллӣ, қадамҳои устувори мо ба самти рушди дарозмуддати кишвар ва ободии пойтахти маҳбубамон мебошанд.

## «Заводи асфалту бетон»

Нахуст Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ ба фаъолияти дастгоҳи наву муосири истеҳсоли асфалт ҳусни оғоз бахшиданд.

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Заводи асфалту бетон”, ки роҳбариашро соҳибкори ҷавон Тоҳир Ҳукуматов ба уҳда дорад, аз соли 2002 то инҷониб фаъолият карда истодааст.

Шумораи коргарон 300 нафарро ташкил медиҳанд ва баъди васлу насби коргоҳи муосир дар ин ҷо боз 50 ҷойи кории нав таъсис ёфт.

Коргоҳи истеҳсоли асфалт аз давлатҳои Италия ва Туркия ворид карда шуда, иқтидори истеҳсолии он дар як соат 240 тонна ва дар як басти корӣ қариб 2000 тоннаро ташкил медиҳад.

Роҳбарияти корхона ба хотири саҳм гузоштан дар рушду пешрафти пойтахт, ободу зебо кардани кӯчаю хиёбон ва роҳҳои шаҳр ҳамчун иқдоми саховатмандона солҳои 2017 то 2019, дар маҷмӯъ, қариб 30 километр роҳҳои шаҳри Душанберо асфалтпӯш кардаанд.

Дар Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Заводи асфалту бетон” дар як вақт якчанд намуди маҳсулот, аз қабили асфалти майдадона, асфалти калон, сангрезаи бо қир сиёҳкардашуда ва асфалтобетони сангрезаю мастикии - “ШМА” истеҳсол карда мешавад.

Ҳамчунин, дар ин ҷо дигар масолеҳи сохтмонии дар бунёди роҳҳо истифодашаванда тайёр карда мешавад.

Баъди шиносоӣ бо фаъолияти корхонаи истеҳсоли асфалту бетон Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори ватанӣ Тоҳир Ҳукуматов барои иқдоми шоиста ва пуштибонии сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои арзанда дода, барору комёбӣ орзу намуданд.

# Арсаи меҳнату шуҷоат ва ҷасорату корнамоиҳо

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо сокинони ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд**

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Имрӯзҳо сокинони кишвари азизамон дар айёми омодагӣ ба истиқболи бистуҳаштумин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун муҳимтарин санаи таърихи миллат дар саҳифаҳои давлатдории мо бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст, қарор доранд.

Ҳоло, ки мо ба дидорбинии шумо омадаем, бо истифода аз фурсат тамоми мардуми заҳматқарини ноҳияи Зафарободро ба ифтихори ин санаи фархунда самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо тандурустӣ, рӯзгори обод ва саодату сарбаландӣ орзу менамоям.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯз баробари ба забон овардани номи Зафаробод дар пеши назар макони ободу зебои Тоҷикистони азизамон, арсаи меҳнату шуҷоат ва ҷасорату корнамоиҳои фарзандони бонангу номуси халқамон ҷилвагар мешавад.

Зеро беш аз ним аср муқаддам фотеҳону азхудкунандагони дашти Мирзоҷӯли тоҷик бо фаъолияти ватандӯстона ва ранҷу заҳматҳои азим ноҳияе бунёд карданд, ки ҳоло мояи ифтихори мардуми Тоҷикистон гардидааст.

Корнамоии деҳқонони асил ва аҳли заҳмати ноҳия, ки як макони холӣ, биёбони беоб ва дорои иқлими сӯзону бодҳои шадидро дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба мавзеи ободу файзбор табдил додаанд, мактаби бузурги мардонагиву диловарӣ ва таҷрибаи воқеии созандагӣ барои наслҳои имрӯзу оянда мебошад.

Бояд гуфт, ки даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди босуръати ноҳияи Зафаробод такони ҷиддӣ бахшид.

Аҳолии ноҳия аз 45 ҳазор нафари соли 1991 ба 75 ҳазор нафар дар соли 2019 расида, ҳаҷми буҷети маҳаллӣ дар 20 соли охир беш аз 60 баробар афзудааст, ки ин нишонаи таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат ба ин гӯшаи Ватанамон ва гувоҳи возеҳи беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардуми он мебошад.

Дар ин давра аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ барои рушди ноҳияи Зафаробод 262 миллион сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 23 миллион сомонӣ равона гардидааст.

Дар Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2016-2020-ум 106 лоиҳа ба маблағи умумии 145 миллион сомонӣ пешбинӣ шуда, тайи сеюним соли охир 15 лоиҳа иҷро гардидааст ва ҳоло амалисозии 46 лоиҳаи дигар давом дорад ва зарур аст, ки суръати корҳо дар ин самт тезонида шавад.

Ҳоло дар ноҳия татбиқи 5 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ идома дошта, то ҳол дар доираи он 24 миллион сомонӣ аз худ карда шудааст.

Дар доираи лоиҳаи "Барқарор намудани системаҳои обинӯшокии Шимол-2", ки бо ҷалби қариб 34 миллион сомонӣ тасдиқ



шудааст, то имрӯз корҳои сохтмону барқарорсозӣ ба маблағи 17 миллион сомонӣ иҷро шудаанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод вазифадоранд, ки якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Дар даврони истиқлолият ба хотири рушди соҳаи саноати ноҳия корхонаҳои коркарди пахта, истеҳсоли равған, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти шириву қаннодӣ сохта, ба истифода дода шудаанд.

Вале аз рӯи таҳлилҳо корхонаҳои зикршуда фаъолияти муназзам надошта, баъзеи онҳо мавсимӣ кор мекунанд. Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилоят, ноҳия ва корхонаҳоро зарур аст, ки бо истифода аз таҷҳизоту технологияҳои пешқадам фаъолияти самарабахшу муназзами корхонаҳоро таъмин намоянд.

Шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар нимсолаи аввали соли 2019 назар ба ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, ки чунин вазъ бояд ба таври ҷиддӣ таҳлил карда шавад. Илова бар ин, дар ҳамин давра истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳамагӣ 4,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар моҳи июли соли 2018-ум 23 корхонаи саноатӣ ҳисоботдиҳанда буд, аммо имрӯз то 18 корхона коҳиш ёфтааст.

Тибқи нақшаи бунёди корхонаву коргоҳҳои саноатӣ дар шашмоҳаи аввали соли 2019 аз се корхонаи нави ба нақша гирифташуда ду корхона ба фаъолият оғоз кардааст.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ширӣ ҳоло дар маркази ноҳия аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ коргоҳи коркарди маҳсулоти ширӣ бо иқтидори коркарди 5 тонна шир дар як шабонарӯз фаъолият мекунад.

Имрӯз дар деҳаи Наврӯз фермаи парвариши чорвои хурд ва коргоҳи истеҳсоли панир ба истифода дода мешавад.

Ҳамчунин, дар маркази ноҳия бунёди боз як корхонаи маҳсулоти ширӣ идома дошта, то охири соли равон ба фаъолият оғоз мекунад.

Ҳоло дар ноҳия 4 коргоҳи хурди истеҳсоли сару либоси мактабӣ фаъолият дошта, дар 6 моҳи соли ҷорӣ 4700 ҷуфт либоси мактабӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,7 фоиз зиёд мебошад. Аммо ин нишондиҳанда ҳанӯз қонеъкунанда нест, чунки шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сол ба сол афзоиш ёфта истодааст.

Вобаста ба ин, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод зарур аст, ки якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ, афзоиш додани дӯхти либосҳои мактабӣ, ташкили коргоҳу корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва дигар маҳсулоти кишоварзиро таъмин намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар шашмоҳаи аввали соли 2019 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 122 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,4 фоиз зиёд гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 афзоиши аксари нишондиҳандаҳои истеҳсолии соҳа аз 101 фоиз то ду баробар таъмин карда шудааст.

Аммо истеҳсоли мева 8,2 фоиз ва пилла 19 фоиз коҳиш ёфтааст, ки дар ин самт аз роҳбарону масъулон андешидани тадбирҳои зарурӣ тақозо мегардад.

Тибқи таҳлилҳо яке аз сарчашмаҳои асосии даромади буҷети маҳаллии ноҳияи Зафаробод ба рушди соҳаи кишоварзӣ, алалхусус, пахтакориву чорводорӣ вобаста мебошад.

Дар ноҳияи Зафаробод низ ба мисли дигар ноҳияҳои пахтакори мамлакат тайи солҳои тӯлонӣ пахта ҳамчун маҳсулоти асосии кишоварзӣ истеҳсол гардида, дар шакли ашёи хом ба хориҷи кишвар содирот карда мешуд.

Бинобар ин, ман борҳо таъкид кардаам, ки пахтаи истеҳсолшаванда бо мақсади ба даст овардани арзиши баланди иловагӣ бояд дар дохили кишвар то ҳадди ниҳоӣ, яъне то зинаи маҳсулоти тайёр коркард карда шавад.

Бо дарназардошти ин, Ҳукумати кишвар солҳои охир ба масъалаи бунёд намудани коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ афзалият дода, мақсад гузоштааст, ки бо ҳамин роҳ Тоҷикистонро аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати саноативу аграрӣ табдил дода, ҳамзамон бо ин, ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии мамлакат муваффақ гардад.

Дигар ин, ки бо истифода аз захираҳои фаровони ашёи хоми маҳаллӣ тараққӣ додани соҳаҳои нассоҷиву дӯзандагӣ, яъне васеъ ба роҳ мондани коркарди пахта, истеҳсоли ришта, матоъ ва либос яке аз роҳҳои асосии таъсис додани ҷойҳои корӣ, беҳтар гардонидани шароити зиндагии сокинон ва омили муҳимми зиёд кардани маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда мебошад.

Ҳоло дар ноҳия як корхонаи нассоҷӣ, 13 корхонаи коркарди пахта ва 5 корхонаи истеҳсоли равған фаъолият дорад, ки таъмин намудани онҳо бо ашёи хоми маҳаллӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти муназзами онҳо дар самти саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дар баробари ин, дар ноҳия соли 2019 дар майдони қариб 7500 гектар кишти зироатҳои хӯроки чорво гузаронида шудааст, ки аз он 4300 гектарро юнучқаи солҳои пеш ташкил медиҳад ва ин заминаи устувор барои рушди соҳаи чорводорӣ мебошад.

Вале бояд гуфт, ки дар ноҳия имкониятҳои истифоданашуда барои рушди соҳаҳои пахтакориву сабзавоткорӣ, чорводорӣ ва коркарди маҳсулот хеле зиёданд.

Як рӯз пеш ҳангоми мулоқот дар ноҳияи Деваштич андешаҳои худро доир ба масъалаи оқилонаву самаранок истифода намудани заминҳои корам муфассал изҳор намудам, ки ҳамаи он гуфтаҳо ба ноҳияи Зафаробод низ таааллуқ доранд.

Зеро дар ноҳияи Зафаробод қариб 31 ҳазор гектар заминҳои корами обӣ мавҷуданд, ки дар сурати истифодаи самараноки онҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва ҳосилнокӣ зиёд гардида, шароити зиндагии мардум хеле беҳтар ва сокинон бо ҷойи кории доимӣ таъмин шуда, коргоҳҳои саноатӣ бо ашёи хоми маҳаллӣ таъмин мегарданд.

Дар баробари ин, рушди соҳаи кишоварзии ноҳия, дар навбати аввал, аз фаъолияти мунтазами пойгоҳҳои обкашӣ вобастагӣ дорад. Масъалаи мазкур зери назорати доимии Ҳукумати мамлакат қарор дошта, ҷиҳати таъминоти техникии пойгоҳҳои обкашӣ таҷҳизоту маблағҳои зарурӣ ҷудо карда мешаванд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда мушкилоти мазкур то ҳол роҳи ҳалли пурраи худро наёфтааст. Ҳол он, ки чанд сол пеш ба ноҳия бо супориши Роҳбари давлат ҷиҳати рафъи ин мушкилот маблағҳои зарурӣ ва таҷҳизот барои таъмири пойгоҳҳои обкашӣ ҷудо гардида буд.

Вале бо сабаби мақсаднок истифода нашудани маблағ ва фориғболии баъзе масъулон то ҳол пойгоҳҳои обкашии ноҳия ба таври пурра фаъолият намекунанд.

Ман дар ин хусус дар назди роҳбарони вилоят ва вазорату идораҳои марбута дастуру супоришҳои дахлдорро гузоштам.

Вобаста ба истифодаи имкониятҳои ноҳия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳияи Зафарободро зарур аст, ки якҷо бо Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва дигар мақомоти дахлдор ҷиҳати зиёд намудани майдони кишт ва истеҳсоли пахта, беҳтар намудани ҳавасмандии кишоварзон ба афзун намудани он, таъмини фаъолияти муназзами пойгоҳҳои обкашӣ, ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани заминҳои партов ва таъсис додани коргоҳҳои коркарди маҳсулот тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Дар ноҳия бо мақсади истиқболи арзандаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёду азнавсозии 380 иншоот ба маблағи умумии 100 миллион сомонӣ пешбинӣ гардида, то ба имрӯз 155 банди нақшаи корҳои ободонӣ ба маблағи 24 миллион сомонӣ иҷро шудааст.

Роҳбарони ноҳия вазифадоранд, ки бо мақсади тезонидани корҳои ободониву бунёдкорӣ ҳамкориро бо мақомоти дахлдор, соҳибкорон ва аҳолӣ тақвият бахшанд.

Ҳамзамон бо ин, дар ҳамкорӣ бо Вазорати нақлиёт ҷиҳати таъмиру таҷдиди роҳҳои дохилии ноҳия тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дар ноҳияи Зафаробод 25 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 22 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 литсей ва 1 гимназия мавҷуд буда, чи тавре ки дар боло зикр кардам, дар онҳо қариб 15 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия зиёда аз 1000 нафар буда, қариб 60 фоизи онҳоро занҳо ташкил медиҳанд.

Дар ноҳия ҷиҳати ҷалби

# Арсаи меҳнату шуҷоат ва ҷасорату корнамоиҳо

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо сокинони ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд**

ҷавонон ба варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим дар байни ҷомеа 18 толори варзишӣ, 48 майдончаи варзишӣ, варзишгоҳ бо 2000 ҷойи нишаст ва варзишгоҳи хурд бо 750 ҷойи нишаст фаъолият дорад.

Бо мақсади таъмини иҷрои босамари "Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030" ва дар доираи татбиқи нақшаи чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" зарур аст, ки раванди бунёди инфрасохтори сайёҳиро вусъат бахшида, дӯкону растаҳои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ ташкил карда шаванд.

Ҳамчунин, масъулонро зарур аст, ки корҳоро доир ба ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва коргоҳҳои истеҳсоли маҳсулоту маснуоти дастӣ барои сайёҳон ҷоннок намоянд.

Зеро ба ин васила садҳо ҷойҳои корӣ, алалхусус, барои занон фароҳам овардан мумкин аст.

Таъкид месозам, ки бо вуҷуди назаррас будани натиҷаҳои пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия, зарур аст, ки тавассути истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда ва пурра таъмин намудани нишондиҳандаҳои дурнамои рушди ноҳия сатҳи зиндагии сокинонро бамаротиб беҳтар кардан мумкин аст.

**Ҳозирини арҷманд!**

Ман, ҳамчун Роҳбари давлат ба сокинони ноҳияи Зафаробод таваҷҷуҳи хосса дорам, зеро шумо ва тамоми мардуми ноҳия ба қадри заҳмат ва истифодаи ҳар як ваҷаб замини муқаддаси Ватан мерасед. Падару бобоёни шумо ранҷу азоби зиёд кашида, дар обод кардани дашту саҳроҳои беобу тафсони Мирзочӯл саҳми бузург гузоштаанд.

Барои обод гардонидани ин мавзеъи як замонҳо ноободсаҳми наслҳои имрӯза низ хеле назаррас аст. Ҳукумати мамлакат, дар навбати худ кӯшиш менамояд, ки мушкилоти ноҳия ва сокинони онро бо амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ тадриҷан бартараф намояд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки дар зиндагӣ мушкиле нест, ки роҳи ҳал надошта бошад. Фақат аз роҳбарону масъулон ҳисси баланди ватандӯстиву дарки масъулият ва аз сокинон заҳмати софдилонаву аҳлона зарур аст.

Танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем якҷо ноҳияро боз ҳам ободу пешрафта гардонида, барои мардум шароити зиндагии арзандаро таъмин намоем.

Ноҳияи Зафаробод дорои захираву имкониятҳои фаровон аст ва итминон дорам, ки симои ноҳия то ҷашни бузургу муқаддаси миллиамон - сисолагии Истиқлолияти давлатӣ бо амалисозии нақшаҳои созанда, аз ҷумла бунёди иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ хеле дигаргун ва зебо хоҳад гардид.

Ҳамчунин, бовар дорам, ки сокинони заҳматқарини ноҳияи Зафаробод бо ҳисси баланди миллӣ ва дастгирӣ аз сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат дар пешрафти ноҳия ва ободии Ватани азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми боз ҳам бештар хоҳанд гузошт.

Бори дигар, тамоми мардуми ноҳияи Зафарободро ба ифтихори Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфта, ба хурду бузурги ноҳия дар амалӣ гардидани нияту нақшаҳои некашон муваффақият ва барори кор орзу менамоям.

**Ҳамеша сарбаланду саодатманд бошед, ҳамдиёрони азиз!**

# Корҳои ободонию созандагӣ дар Суғд



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар вилояти Суғд як қатор иншооти ҷашниро ифтитоҳ намуданд.**

## Оғози корҳои таҷдиду барқарорсозии Неругоҳи барқи обии «Қайроққум»

23 август сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Суғд дар шаҳри Гулистон идома ёфт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон нахуст ба татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии "Қайроққум" оғози расмӣ бахшида, бо рафти навсозии 6 агрегати ин иншооти гидроэнергетикӣ аз наздик шинос шуданд.

Бунёди ин неругоҳ ба обёрии заминҳои бекорхобида ва азхудкунии самараноки захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ ибтидо гузоштааст.

Феълан дар ин иншооти муҳими гидроэнергетикӣ 110 нафар, аз ҷумла 20 нафар занон фаъолият дошта, шумораи ҳайати муҳандисӣ- техникии он 41 нафарро ташкил медиҳад.

Сарвари давлат дастур доданд, ки барои татбиқи лоиҳа ва иҷрои корҳо 80 фоиз коргарони худи Неругоҳи барқ обии «Қайроққум» ва сокинони шаҳри Гулистон ҷалб карда шаванд.

Зимни муаррифии лоиҳаи "Таҷдиди Неругоҳи барқи обии Қайроққум" иттилоъ дода шуд, ки неругоҳ дар давоми 63 соли фаъолият зиёда аз 40 миллиард киловатт соат неруи барқ истеҳсол кардааст.

Бо сабаби фаъолияти беш аз нимасра таҷҳизоти неругоҳ кӯҳнаю фарсуда гардида, зарурати таҷдид ва азнавсозии онҳоро ба миён овард.

Бо таваҷҷуҳ ва талошҳои рӯзафзуни Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат, яъне истиқлолияти энергетикӣ дар доираи ҳамкориҳои судманди дуҷонибаю бисёрҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд маблағи умумии корҳои таҷдиду навсозии ин иншооти гидроэнергетикӣ 200 миллион доллари амрикоӣ 1 миллиарду 900 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Бо таҷдиди пурраи неругоҳ тамоми системаи он бо технологияи навтарин ва пешрафтаи соҳа иваз карда мешавад ва сифати хизматрасонӣ бамаротиб беҳтар хоҳад гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо ҷараёни таҷдиду навсозии неругоҳ татбиқи ин лоиҳаро дар рушди иқтисодии кишвар ва вазъи таъмини неруи барқ, махсусан дар вилояти Суғд дорои манфиати зиёд арзёбӣ карданд.

## Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии "Файзбахш" дар ноҳияи Ҷаббор Расулов

Дар ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии "Файзбахш"-ро ифтитоҳ карданд.

Бинои навбунёди 2-ошёнаи кӯдакистон аз маҷмуи иншооти асосӣ ва ёрирасон иборат мебошад. Дар ошёнаҳои якум ва дуюми бино 8 ҳуҷраи бозии кӯдакон, 8 ҳуҷраи хоб ва ошхона мавҷуд аст. Толорҳои варзишӣ ва мусиқӣ дар таҳхонаи бино ҷойгир шудааст.

Кӯдакистон имкон дорад ҳамарӯза 300 нафарро ба таълиму тарбия фаро гирад, ки ин раванд дар амалӣ шудани ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳарчи бештар фаро гирифтани кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат менамояд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити таълиму тарбия дар Кӯдакистони хусусии "Файзбахш" ба сифати корҳои бунёдӣ ва шароити ин муассиса баҳои баланд дода, онро туҳфаи арзанда дар рӯзҳои таҷлил аз 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сокинони ноҳияи Ҷаббор Расулов маънидод намуданд.

## Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба 100 нафар ятими кулл дар ноҳияи Ҷаббор Расулов туҳфаҳои идона тақдим намуданд

Дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ҷаббор Расулов ба 100 нафар ятими кулл, ки таълимгирандагони муассисаҳои миёнаи як зумра шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мебошанд, туҳфаҳои идона тақдим карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин табақаи ҷомеаро, ки бо амри тақдир аз меҳру муҳаббати оила маҳрум гардидаанд, бо фарорасии солгарди 28 — уми ҷашни Истиқлолияти давлатӣ шодбош гуфта, ба онҳо дар идомаи таҳсил ва ҳаёти мустақилона барору комёбӣ орзу намуда, таъкид доштанд, ки бо хониши хубу аъло ва ахлоқи ҳамида ҳамчун фарзандони содиқи Ватан ба воя расанд.

Дар ин рӯз шодиву хурсандии ятимонро ҳадду канор набуд, зеро онҳо маҳз аз дасти Сарвари ғамхору пуштибони худ туҳфаҳои арзанда гирифтанд. Ятимони кулл сипосу миннатдории хешро ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо самимияти беандоза ва меҳри зиёд баён намуданд.

Туҳфаҳои идонаи Пешвои миллат аз кумакпулии яквақтаина ва сару либоси зебо иборат буд. Ҳамзамон дар ин рӯз баҳри афзун гардидани шодию нишоти ятимони кулл дастурхони идона ороста шуд.

## Корхонаи коркарди санги хоро ва мармари ҶДММ «Хорои Хуҷанд»

Ин корхонаи азими саноатӣ дар маҳаллаи «Ваҳдат»-и шаҳри Хуҷанд, дар майдони 9288 метри мураббаъ замини ғайрикишоварзӣ ва бекорхобида бунёд гардида, самти фаъолияти он ба истихроҷ ва коркарди сангҳои табиӣ нигаронида шудааст.

Барои истеҳсоли масолеҳ дар ин корхона дар қитъаи «Хорокон»и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва қитъаи «Ровакон»-и ноҳияи Ашт сангҳои табиӣ истихроҷ ва дастрас карда мешавад. Захираи ашёи хом дар ин конҳо барои беш аз 50 сол кофӣ мебошад.

Ҳаҷми истихроҷи хорсанг дар корхонаи мазкур дар як моҳ аз 60 то 120 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Бо истифода аз ин дар корхона тахтасанг, панҷара, фаввора, мизу курсӣ, таҷҳизоти ошхона, гулдон, инчунин монеаҳо барои роҳрав, сафолакҳо, пардаовез, сутунпояҳо ва дигар номгӯи маҳсулот бо шакл, ҳаҷм, миқдор ва ороиши гуногун истеҳсол мешавад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар Корхонаи коркарди санги хоро ва мармари ҶДММ «Хорои Хуҷанд» 58 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва маоши аз 1500 то 2000 сомонӣ таъмин гардидааст. Масъулон нақша доранд то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи фаъолияти корхонаро васеъ намуда, дар ҳамин замина боз 30 ҷойи нави корӣ таъсис диҳанд.

## Корхонаи коркарди равғани растании ҶДММ «ЗирвЭко»

Корхонаи мазкур аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ Абдумубин Абдушукуров таъсис дода шуда, дар он дар як шабонарӯз то 30 тонна равғани растанӣ коркард мешавад.

Равғани хоми офтобпараст, пахта, рапс ва соя аз корхонаҳои равғанкашии ватанӣ ва инчунин аз хориҷи мамлакат ба ин корхона дастрас гардида, бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти ҳозиразамон дар 7 марҳала ва дар шароити пӯшида поксозӣ мешавад. Дар натиҷаи полоиши чандкарата равғани безарар, баландсифат ва ҷавобгӯ ба стандарти байналмилалӣ омода мешавад. Дар корхонаи муосири ҶДММ «ЗирвЭко» 40 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд. Маоши кормандон ба ҳисоби миёна 1500 сомониро ташкил медиҳад. Таҷҳизоти корхона замонавӣ буда, ҷараёни коркарди равғани растанӣ тавассути технологияи

# Корҳои ободонию созандагӣ дар Суғд

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар вилояти Суғд як қатор иншооти ҷашниро ифтитоҳ намуданд.**

муосир назорат мегардад. Маҳсулоти ба корхона воридшуда ва ҳам баъди коркард, яъне маҳсулоти тайёр аз ташхиси пурра гузаронида мешавад. Дар заминаи коркарди дуруст ва ташхиси ҳамаҷониба мутахассисон ба сифат ва бехатарии маҳсулот кафолат медиҳанд. Ташхисгоҳи ҷамъият бо дастгоҳҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст ва дар он мутахассисони ботаҷриба ба кор ҷалб гардидаанд.

Иқдоми соҳибкор аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои саҳмгузорӣ дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватании воридотивазкунанда ва ҳамчунин содироти маҳсулот ба хориҷи мамлакат шоёни таҳсин арзёбӣ гардид.

### Коргоҳи маҳсулоти сохтмонии ҶДММ «Тоҷфилиз» дар шаҳри Бӯстон



Сарвари давлат бо хати истеҳсолӣ ва имкониятҳои коргоҳи навтаъсис аз наздик шинос шуда, бо кормандони он суҳбат намуданд.

Коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонии ҶДММ «Тоҷфилиз» дар доираи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ бунёд ёфта, ба коркарди металл, истеҳсоли мех ва мехи печон машғул мебошад. Ба Роҳбари давлат иттилоъ доданд, ки ин корхона метавонад дар як моҳ то 600 тонна металлро коркард намуда, бештар аз 200 навъи мех ва мехҳои печон истеҳсол намояд.

Ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулот асосан аз корхонаҳои ватанӣ, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас гардида, маҳсулоти ниҳоии сохтмонӣ ба бозорҳои мамлакат пешниҳод карда мешавад. Дар ҳоли авҷ гирифтани корҳои ободониву бунёдкорӣ ба сохтмони иншооти гуногун дар кишвар талабот ба ин навъи маҳсулот хеле зиёд буда, ҳамчунин корхона имконият дорад, ки барои содирот низ навъҳои гуногуни мех ва мехҳои печонро истеҳсол намояд. Корхонаи мазкур бо харҷи 18 миллион сомонӣ бунёд гардидааст.

Ҳайати корӣ аз курсҳои бозомӯзӣ гузашта, малакаи хуби кор бо дастгоҳҳои муосирро соҳибанд. Дар корхонаи нав 50 нафар сокинони маҳаллӣ соҳиби ҷои кори доимӣ гашта, ба иттилои масъулон онҳо аз 2500 то 3000 сомонӣ музди меҳнат мегиранд.

### Корхонаи истеҳсоли маҳсулоти қоғазӣ дар шаҳри Бӯстон

Тавре маълум гашт, корхонаи мазкур ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти қоғазӣ машғул буда, қоғаз барои ташноб, дастпоккунакҳои қоғазӣ ва дигар навъи маҳсулоте, ки аз қоғаз омода мегардад, истеҳсолу пешниҳод мекунад. Дар як моҳ корхонаи навтаъсис имконият дорад, ки то 50 тонна ашёи хомро коркард намуда, аз он маҳсулоти ниҳоӣ омода намояд. Ба иттилои масъулон Корхонаи «Дурахшон — Бӯстон» пурра дар асоси ашёи хоми ватанӣ фаъолият намуда, аз минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ашёи хом ба коргоҳ ворид карда мешавад.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Дурахшон — Бӯстон» аз ҷониби як гурӯҳ соҳибкорони маҳаллӣ дар доираи дастгириҳои бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфта, бешубҳа заминаест барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии мамлакат. Дар ин баробар ифтитоҳи чунин корхонаву коргоҳҳо барои тавлиди маҳсулоти рақобатпазир ва воридотивазкунанда боис гардида, дар оянда метавонанд, ки иқтидори содиротии мамлакатро боз ҳам болотар баранд. Зеро талабот ба чунин маҳсулоти хушсифат на танҳо дар дохил, балки дар хориҷ ҳам хеле зиёд аст ва феълан ҶДММ «Дурахшон — Бӯстон» аз шумури корхонаҳои азими коркарди қоғаз дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти корхона Роҳбари давлат ба технологияи насбгардида ва хатҳои истеҳсолии он баҳои баланд дода, масъулонро вазифадор намуданд, ки ба сифати маҳсулот диққати аввалиндараҷа дода, мутобиқ ба стандартҳои ҷорӣ истеҳсолотро ба роҳ монанд.

### Маркази хизматрасонӣ дар шаҳри Бӯстон

Бунёди иншооти хизматрасонӣ дар заминаи дастгириҳои Ҳукумати мамлакат сурат гирифта, дар доираи амалишавии ҳадафҳо ҷиҳати ба шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ, 25 нафар бо ҷойи кор таъмин шуданд.

Баъди ифтитоҳи бинои маркази хизматрасонӣ дар ҳамин ҷо дастархони идона ороста шуда, аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 100 нафар ятими кулл тӯҳфаҳои идона тақдим карда шуд. Ин тадбири муҳим, ки дар арафаи таҷлили ҷашни 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, боиси хушҳолии наврасони бо амри тақдир ятиммондаро афзун намуд.

Мавриди зикр аст, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастгирии ятимону оилаҳои ниёзмандро дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус таъкид намудаанд.

### Зеристгоҳи барқии «Темурмалик» дар шаҳри Хуҷанд

Иттилоъ дода шуд, ки зеристгоҳи барқии 110 ва 10 киловолти «Темурмалик» дорои ду адад трансфарматори иқтидорашон 25000 киловолт — ампер мебошад.

Таҷҳизоти барқии муосири 10 — 110 киловолт дар иншооти мазкур ба талабот ва меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, аз ширкатҳои бонуфузи давлатҳои Россия, Озарбойҷон, Туркия, Қазоқистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин харидорӣ шудааст.

Бунёду ба истифода додани чунин иншоотҳои зарурӣ аз тадбирҳои афзалиятноки Ҳукумати мамлакат дар самти рушди соҳаи энергетикаи мамлакат буда, ҷиҳати кам намудани талафоти нерӯи барқ, таъмини барқ ба шабакаҳои барқӣ ва таъмини қувваи барқи мунтазам ба аҳолӣ мебошад.

### Меҳмонхонаи «Суғдиён» дар шаҳри Хуҷанд

Меҳмонхонаи замонавӣ аз 10 ошёна ва таҳхона иборат буда, он дар доираи дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи собиқ меҳмонхонаи «Ленинобод» навсозӣ гардида, бо муосиртарин шароиту имконоти хизматрасонӣ барои сайёҳону меҳмонон таъмин карда шудааст.

Ёдовар мешавем, ки меҳмонхонаи «Ленинобод» соли 1976 сохта мавриди истифода қарор гирифта буд ва бо гузашти вақт зарурати таҷдиди он ба миён омад.

Дар ошёнаи якуми меҳмонхонаи «Суғдиён» нахуст ба Сарвари давлат лоиҳаи иншооти асосии таърихию сайёҳии сохташаванда ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд муаррифӣ карда шуд.

Феълан дар шаҳри Хуҷанд барои қабули сайёҳон 13 меҳмонхона бо имконияти қабули 680 нафар дар як вақт фаъолият дорад ва барои сайёҳон 14 нуқтаи фурӯши маҳсулоти ороишӣ аз сангҳою металлҳои қиматбаҳо, тӯҳфаҳои хотиравӣ, намунаҳои ҳунарҳои дастии ҳунармандон ташкил гардидааст.

Меҳмонхонаи замонавии «Суғдиён» дар шаҳри Хуҷанд дорои 172 ҳуҷра, аз ҷумла 20 ҳуҷраи люкс буда, имкони дар як вақт хидмат расонидан ба зиёда аз 300 нафарро доро мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити хидматрасонӣ ва имконоти васеи истироҳату фароғати меҳмонону сайёҳон дар ин иншооти замонавӣ ба масъулин ҷиҳати муаррифии меҳмоннавозии хоси тоҷикона ба сайёҳону мизоҷони хориҷӣ дастуру ҳидоятҳои судманд дода, ифтитоҳи иншоотро тӯҳфаи арзишманд дар доираи таҷлил аз 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карданд.

### Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд машварати корӣ доир карданд



24 август дар шаҳри Гулистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд машварати корӣ доир карданд.

Дар кори машварат натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Суғд дар 7 моҳи соли 2019 ҷамъбаст гардида, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вусъати корҳои ободонӣ, рушди соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Гулистон, Бӯстон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Зафаробод, Деваштич ва Ҷаббор Расуловро натиҷагирӣ карда, аз ҷараёни корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки рушди иҷтимоиву иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ва иҷрои нишондиҳандаҳои рушди соҳаҳои афзалиятнок дар ҳафт моҳи соли 2019 асосан таъмин шудааст.

Нақшаи даромади буҷети давлатӣ 102,8 фоиз таъмин шуда бошад ҳам, дар як қатор шаҳру ноҳияҳо иҷрои нақшаи андоз дар 7 моҳи соли ҷорӣ таъмин нагардидааст.

Ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳои давлатӣ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар вилоят дар ҳафт моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар сатҳи қариб 111 фоиз таъмин шуда бошад ҳам, вале ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати истихроҷ 0,5 фоиз коҳиш ёфтааст.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд вазифадор шуданд, ки барои бо иқтидори пурра фаъолият намудани корхонаҳои истихроҷ, истифодаи самараноки конҳои маъдан дар самти татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати кишвар иҷрои нақшаҳои тасдиқшударо таъмин намоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи соҳаи кишоварзии вилоятро таҳлил карда, таъкид намуданд, ки дар вилоят ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар моҳҳои январ-июли соли 2019 қариб ба 3 миллиард сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 13,4 фоиз зиёд шудааст, аммо майдони кишти сабзавот кам гардидааст.

Сарвари давлат ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят супориш доданд, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҳамаи шароиту имкониятҳо васеъ истифода баранд.

Дар рафти машварати корӣ вазъи соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва боғдорӣ муҳокима гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷӯҳи масъулони соҳаи кишоварзиро ба рушди ин бахшҳо ва афзоиши чорво, ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи мамлакат ҷалб карданд.

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат бо бунёди коргоҳу корхонаҳои саноатӣ масъалаи бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва коҳиш додани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳалли худро пайдо кард. Дар нимсолаи якуми соли 2019 дар вилоят, дар маҷмӯъ, қариб 20 ҳазор ҷойи нави корӣ, иловагӣ ва барқароршудаи корӣ таъсис дода шудааст, ки аз он 5250 ҷойи кори доимӣ мебошад.

Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он шумораи иншооти тибқи нақшаи ободониву бунёдкории ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда соли гузашта афзоиш ёфта, қариб 7000 иншоотро дар бар мегирад, ки то аввали моҳи август қариб 3000 иншооту биноҳои навбунёд ба истифода супорида шуданд.

Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои боз ҳам хубтару беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум, вусъати корҳои ободонӣ, таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои вилоят, таъсиси ҷойҳои корӣ, ислоҳи камбудиҳои мавҷуда ва инкишофи босуботи соҳаҳои иқтисодӣ, алалхусус, бахшҳои истеҳсолӣ ба роҳбарону масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супоришҳои мушаххас доданд.

# Бақияпулиҳо кам мешаванд



**Дар 7 моҳи соли 2019 кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод иҷрои воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳоро ба андозаи 101,1 фоиз таъмин намуданд. Ба ҷойи 8 миллиону 474 ҳазору 160 сомонии пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 8 млн. 566 ҳазору 290 сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 92130 сомонӣ зиёд аст.**

Тавре сардори нозироти андози ноҳия Султон Лутфиев зикр кард, кормандони нозироти андоз дар 7 моҳи соли ҷорӣ аз иҷрои нақшаи ҳама гуна андозҳо баромаданд. Аз ҷумла, дар ҳамин давраи сипаришуда бо андозсупорандагон дар 4 ҷамоат ва шаҳраки ноҳия чандин маротиба семинар-машварат, вохӯрию суҳбатҳо дар мавзӯъҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйиру иловаҳои воридшуда ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.2018, таҳти №1511 гузаронда шудааст.

Дар ин давра, иҷрои нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 100 фоиз таъмин гардид. Ба ҷойи 1 млн. 853 ҳазору 653 сомонӣ ба буҷет 1 млн. 858 ҳазору 328 сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 4 ҳазору 675 сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи маълумоти дастрасгардида бақияпулиҳои қарзи андоз ба ҳолати 01.01.2019 дар ноҳия 2 млн. 145 ҳазору 976 сомониро ташкил медод, ки ин рақам ба ҳолати 01.08.2019 ба 2056443 сомонӣ расидааст. Яъне бақияпулиҳои қарзи андоз нисбат ба аввали сол 89 ҳазору 533 сомонӣ кам гардидааст.

Кормандони нозироти андози ноҳия ҷиҳати ситонидани қарзи андоз ва дигар пардохтҳо дар 7 моҳи соли равон ба маблағи 1 млн. 427 ҳазору 300 сомонӣ 40 адад қарор қабул намуданд, ки аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида 959400 сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид гардидааст. Ҳамчунин, нисбати 914 андозсупоранда барои риоя накардани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2058519 ҳазор сомонӣ огоҳинома додаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 1543400 сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Дар ҳамин давра, нисбати 31 андозсупорандаи дигар, ки даст ба ҳуқуқвайронкунии андозӣ задаанд, ба маблағи 36 ҳазору 569 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб додаанд, ки аз ин 26 ҳазору 184 сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид шудааст.

Бо мақсади ошкор намудани маблағҳои пинҳонӣ аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар фаъолияти 7 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, 106 ҳазору 690 сомонӣ маблағҳои пинҳонӣ ошкор ва ба буҷет таъмин гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

# Насбу истифодаи POS-терминалҳои электронӣ

**Тавре ба назар мерасад, дар давлатҳои хориҷӣ пардохтҳо тариқи ғайринақдӣ, бо истифода аз технологияҳои муосири электронӣ ва кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ мешавад. Аммо дар Тоҷикистон аҳолӣ пардохтҳои худро ҳанӯз ҳам тариқи нақдӣ анҷом медиҳанд ва қисми ками шаҳрвандон пардохтҳои ғайринақдиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ мекунанд.**

Ин дар ҳолест, ки имрӯзҳо мақомоти андози кишвар дар якҷоягӣ бо ниҳодҳои масъул кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра дар тамоми марказҳои савдою хизматрасонӣ POS-терминалҳои электронӣ насб кунанд, то шаҳрвандон тавонанд ҳангоми хариди мол ё хизматрасонӣ аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ озодона истифода намоянд. Яъне шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот бе истифодаи пули нақд бо роҳи истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ муомилот анҷом дода тавонанд.

Воқеан яке аз афзалиятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ дар истифодаи осони онҳо зоҳир шуда, бо худ ҳамроҳ гирифтани маблағи калон зарурат надорад. Ҳамзамон, ҳамеша имкони пардохтани нархи моли харидашуда дар дохил ва хориҷи мамлакат вуҷуд дорад. Барои дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ шарт нест, ки ҳатман аз банкомат пули нақд гиранд, балки кифоя аст, ки дар фурӯшгоҳ, барои хизматрасонии коммуналӣ ё мобилӣ ва ғайра пардохтро тариқи ғайринақдӣ анҷом диҳанд.



## Афзоиши насби POS-терминалҳо

Тибқи талаботи банди 9 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ» аз 31.12.2014 №815 назорати истифода ва насби терминалҳои электронӣ ба зиммаи мақомоти андоз вогузор гардидааст. Мутобиқи қарори мазкур, пеш аз ҳама, насб намудани POS-терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои калони савдо ва хизматрасонӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, бо мақсади сода, сабук ва шаффоф гардонидани низоми андозбандӣ ва ҷараёни андозсупорӣ, тибқи муқаррароти қарори мазкур Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ба таври ҳатмӣ қабули андозҳо, боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатиро аз аҳолӣ ба таври ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ амалӣ менамояд.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов иттилоъ дод, мақомоти андоз дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми шаш моҳи соли равон дар 247 нуқтаи савдо ва хизматрасонӣ POS-терминалҳои электрониро насб кардаанд. Шумораи онҳо ба ҳолати 1-уми июли соли 2019-ум 3261 адад расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 697 адад зиёд аст.

Ҳамчунин, қайд шуд, ки барои вусъат додани хисоббаробаркунии ғайринақдӣ Ҳайати муштараки корӣ аз намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, ки онҳо дар якҷоягӣ барои насбу мавриди истифода қарор додани POS-терминалҳои электронӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд.

Дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ барои саркашӣ намудан аз насби POS-терминалҳои электронӣ ё рад кардан аз истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ дар ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорони молҳо 31 протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 183,7 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст. Инчунин, дар ин давра, бо роҳбарон ва кормандони муассисаҳои савдо ва хизматрасоние, ки бо POS- терминалҳои электронӣ муҷаҳҳаз набуданд, оид ба зарурат ва афзалиятҳои истифодабарии POS-терминалҳои электронӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Ш. Авғонов сабаби асосии истифода нашудани POS- терминалҳои электрониро аз ҷониби андозсупорандагон ин огоҳии комил надоштан аз афзалиятҳои ин хизматрасонӣ маънидод намуд.

## Манфиатҳои пардохти ғайринақдӣ

Яке аз афзалиятҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ин дуруст истифода кардани тарзи нисбатан бехатари пардохти мол ё хизматрасонӣ мебошад. Дар сурати гум шудани (дуздӣ, гумшавӣ, нобудсозӣ) ҳамён, пули нақдро яқинан баргардонидан номумкин аст, дар ҳоле ки маблағҳои дар суратҳисоби корти пардохтии бонкӣ ё дар ҳамёни электронибударо зуд банд кардан мумкин аст.

Инчунин, вақте ки шахс маълумотро дар бораи маблағҳои сарфкарда таҳлил мекунад, метавонад буҷети худро беҳтар карда, хароҷотро пешакӣ ба нақша гирад. Масалан, тариқи СМС – паёмак (огоҳинома) метавонад ба осонӣ дар бораи маблағи суратҳисобаш маълумот гирад. Ин, дар навбати худ, барои харҷи бошуурона кӯмак менамояд.

Афзалияти дигари ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар воситаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ маҳфуз доштани маълумот дар бораи ҳамаи маблағҳои барои молу хизматрасонии гуногун харҷшуда зоҳир мешавад.

POS-терминалҳои электронӣ тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба нақшаи таъмини POS-терминалҳои элетронӣ барои соли 2019» аз 14-уми январи соли 2019, таҳти №12 дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар асоси шартнома аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ насб гашта, барои насб намудани он соҳибкорон бояд ба ташкилотҳои қарзие, ки барориш ба хизматрасонии кортҳои пардохти бонкиро анҷом медиҳанд, муроҷиат намоянд.

Ёдрас мешавем, ки барои истифода накардани POS- терминалҳои электронӣ ё саркашӣ намудан аз насби POS- терминалҳо дар асоси моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтӣ ва истифодаи оммавии онҳо ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ шаффофияти ҷараёнҳои молиявиро таъмин намуда, ба афзудани воридшавии андозҳо мусоидат мекунад ва яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Тадбирандешӣ баҳри коҳиши қарзи андоз

**Ситонидани қарзи андозҳо тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбури ситонидани қарзи андозҳо» амалӣ мешавад. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ намудани афзоиш, давра ба давра кам кардани бақияи қарзи андозҳо пайваста чораҳои зарурӣ меандешад. Мутаассифона, масъалаи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфта, ин нишондиҳанда дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст.**



Сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев иттилоъ дод, ки мутобиқи махзани маълумот дар миқёси ҷумҳурӣ (бе дарназардошти ВМКБ) ба ҳолати 01.07.2019 маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент (бо дарназардошти изофапулиҳо) 35,5 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба аввали соли 2019 маблағи изофапулиҳо, дар маҷмӯъ, ба андозаи 4212,3 ҳазор сомонӣ ва маблағи қарзи андозҳо ба андозаи 66 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Қобили қайд аст, ки маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда бе дарназардошти изофапулиҳои андоз дар мақомоти ҳудудии андоз 49,3 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 9,9 млн. сомонӣ ё 20,1 фоизи он ба вилояти Суғд, 13,8 млн. сомонӣ ё 28,0 фоиз ба вилояти Хатлон, 16,9 млн. сомонӣ ё 34,3 фоиз ба шаҳри Душанбе ва дар маҷмӯъ, 8,6 млн. сомонӣ ё 17,5 фоиз ба нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Тибқи иттилои номбурда кор дар самти кам намудани бақияи қарзи андозҳо дар мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи паст қарор дорад. Аммо бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, бе татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, рӯёнидани аксарияти онҳо ба буҷет имконпазир мебошад.

Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда нишон додааст, ки шумораи соҳибкороне, ки бақияи қарзи онҳо то 300 сомониро ташкил медиҳад, 19255 нафар ё 51,9 фоизро ташкил медиҳад, ки маблағи қарзи бавуҷудомада аз ҳисоби онҳо, дар маҷмӯъ, ба 2548,4 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Ба ҳамин монанд, шумораи соҳибкороне, ки бақияи қарзи онҳо аз 300 то 1000 сомониро ташкил медиҳад 9445 нафар ё 25,4 фоизро ташкил дода, маблағи бақияпулиҳои онҳо, дар маҷмӯъ, ба 4872,7 ҳазор сомонӣ расидааст.

Бояд қайд намуд, ки танҳо маблағи қарзи патенти 8418 нафар ё 22,7 фоиз ба маблағи 41,9 млн. сомонӣ, зиёда аз 1000 сомониро ташкил медиҳад, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назорати ҳамарӯза рӯёнидани он ба буҷет имконпазир мегардад.

- Яке аз сабабҳои асосии афзоиши бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби патент, - мегӯяд Собирҷон Исоев, - агар аз як тараф аз ҷониби соҳибкорон сари вақт таъмин накардани ӯҳдадориҳои андозӣ бошад, аз тарафи дигар дар сатҳи дахлдор назорат накардан ва нагузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пардохти саривақтии маблағи патент аз ҷониби нозирони мутасаддии андоз ба ҳисоб меравад. - Сабабҳои дигари афзоиши бақияпулиҳои маблағи патент ин бо дарназардошти тағйиру иловаҳои воридшуда ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 мутобиқ накардани фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи гурӯҳҳои 9 ва 10 номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, ки соҳибкорони мазкур амалан бефаъолият буда, маблағҳои патенти онҳо ҳар моҳ афзоиш ёфта истодааст.

Аз баррасӣ ва таҳлили ҳолати иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ аз тарафи соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда дар мақомоти ҳудудии андоз бармеояд, ки аз тарафи на ҳамаи соҳибкорон маблағҳои патент сари вақт ва дар ҳаҷми пурра ба буҷет таъмин мешавад. Шумораи андозсупорандагоне, ки маблағҳои патенти худро сари вақт пардохт накардаанд, дар мақомоти ҳудудии андоз рӯз аз рӯз афзуда, ин омил ба зиёд гардидани бақияпулиҳо ва соҳибкорони бефаъолият мусоидат карда истодааст.

Мувофиқи махзани маълумоти барномаи компютерӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 аз шумораи умумии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда (86653 нафар) (бе дарназардошти ВМКБ) дар мақомоти ҳудудии андоз 30275 нафар ё 34,9 фоизи соҳибкорон маблағҳои патенти худро тариқи афзоянда пардохт накардаанд, ки ҳаҷми бақияпулиҳои бамиёномада аз ин ҳисоб 5,0 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи шумораи соҳибкороне, ки дар шаш моҳи соли 2019 маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, дар вилояти Суғд 10185 нафар ё 34,6 фоиз, вилояти Хатлон 8279 нафар ё 36,1 фоиз, шаҳри Душанбе 6611 нафар ё 32,6 фоиз ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 5200 нафар ё 37,2 фоизро ташкил медиҳад, ки ҳаҷми бақияпулиҳои бамиёномада дар ин давра дар вилояти Суғд мутаносибан 1,8 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон 1,3 млн. сомонӣ, шаҳри Душанбе 1,0 млн. сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 860,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

С. Исоев, ҳамчунин, қайд кард, ки бо мақсади маъмурикунонии андозҳо дар барномаи компютерӣ барои сари вақт пардохт накардани маблағи патент огоҳинома мавриди истифода қарор дода шудааст. Мақсад аз ҷорӣ намудани огоҳиномаи мазкур, пеш аз ҳама, ба таври электронӣ ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузорӣ, ҳарчи зудтар расонидани моҳияти қонунгузории андоз ба андозсупорандагон, сарфаи вақт ва аз ҳама муҳим, зиёд намудани самаранокии кор дар ин самт мебошад.

Таҳлили чораҳои андешидашуда нишон медиҳад, ки дар ин давра аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 1643 адад ё 16,1 фоиз, вилояти Хатлон 1611 адад ё 19,5 фоиз, шаҳри Душанбе 2496 адад ва ё 38,1 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 2111 адад ё ба 40,5 фоизи шумораи умумии соҳибкороне, ки маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, оид ба пардохти саривақтии маблағҳои қарзи патент бо истифода аз ин тартиб огоҳиномаҳо дода шудаанд, ки нишондиҳандаи мазкур дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ин ҳам пасттар мебошад.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Омилҳои таъсиррасон

**Таҳлилу омӯзиши нишондиҳандаҳои эъломияҳои андозсупорандагон дақиқ намуд, ки бо вуҷуди бо иқтидори пурра ё умуман фаъолият накардани баъзе андозсупорандагон дар шаш моҳи соли 2019 манбаъҳои андозбандии андози иҷтимоӣ, аз ҷумла шумораи коргарон 1,8 фоиз, даромад дар шакли музди меҳнат ҳисобшуда 12,2 фоиз ва музди миёнаи моҳона 10,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Шумораи коргарон дар миқёси вилояти Хатлон афзоиш ёфта бошад ҳам, аммо аз ҷониби 13 нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилоят 1602 андозсупоранда нишондиҳандаи мазкурро кам намудаанд.**

Ба иттилои масъулони Раёсати андози вилояти Хатлон коҳишёбии шумораи коргарон дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Вахш – 98 нафар, Дӯстӣ – 41 нафар, Хуросон – 33 нафар, Ҷалолиддини Балхӣ – 347 нафар, Кушониён – 269 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ – 247 нафар, Панҷ – 35 нафар, Шаҳритуз – 175 нафар, Левакант – 47 нафар, Ёвон – 157 нафар, Носири Хусрав – 17 нафар, Ховалинг - 27 нафар ва Шамсиддин Шоҳин – 109 нафар мебошад.

Таҳлилҳо муайян намуданд, ки новобаста аз он ки шумораи коргарон, фонди музди меҳнат, музди миёнаи моҳонаи ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ дар аксарият шаҳру ноҳияҳо зиёд шуда бошад ҳам, дар алоҳидагӣ нишондиҳандаҳои як қатор андозсупорандагон дар мақомоти ҳудудии андоз коҳиш ёфтааст. Дар сатҳи вилоят аз ҳисоби 921 андозсупоранда 9200 нафар шумораи коргарон ва аз ҳисоби 507 андозсупоранда 24,1 млн. сомонӣ даромади умумӣ дар шакли музди меҳнат коҳиш ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз сабабҳои дигари коҳишёбии нишондиҳандаҳои шумораи коргарон, фонди музди меҳнат ва музди миёнаи моҳона дар он аст, ки як қатор корхонаю ташкилотҳо бо иқтидори пурра фаъолият намекунанд ё объектҳои корӣ анҷом меёбанд ва дар натиҷа, нишондиҳандаҳои болозикр аз 30% то 100% ихтисор карда мешаванд. Гуфта мешавад, ки асосан, дар сатҳи вилояти Хатлон коҳишёбии шумораи коргарон дар соҳаҳои энергетика – 55 нафар, саноат - 230 нафар, харидуфурӯш – 62 нафар, хизматрасонии бонкӣ - 380 нафар ва кишоварзӣ 1806 нафар ба мушоҳида мерасад.

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз омилҳои асосии коҳишёбии нишондиҳандаҳои шумораи коргарон, фонди музди меҳнат ва музди миёнаи моҳона дар он аст, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби андозсупорандагон иваз намудани маҳалли фаъолият ё ин ки таъсиси воҳиди алоҳида дар ҳудуди дигар шаҳру ноҳияҳои берун аз вилоят мебошад. Дар натиҷа, андозҳои пешбинишуда, аз ҷумла андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ, андоз аз фоида ва дигар пардохтҳои дахлдорро дар маҳалли амалӣ намудани ин ё он намуди фаъолият ҳисоб ва пардохт менамоянд.

Коршиносон бар он назаранд, ки яке аз омилҳои дигари коҳишёбии нишондиҳандаҳои мазкур ин иваз намудани шакли ташкилии шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла кооперативҳои тиҷоратӣ мебошад. Ба иттилои масъулони раёсати андози вилоят аз санаи якуми июни соли 2016 то инҷониб 1277 адад кооперативи тиҷоратӣ шакли ташкили ҳуқуқиашонро иваз намуда, дар заминаи онҳо ҳамчун соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) таъсис дода шудаанд, ки аз ин ҳисоб, тибқи ҳисобҳои шартӣ, дар як моҳ 1,5 млн. сомонӣ фонди музди меҳнат (400х3х1222) ва 367 ҳазор сомонӣ ҳисоби маблағи андози иҷтимоӣ коҳиш меёбад.

**С.РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# Фаъолияти нокифоя

## Рафти гузариши соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда вобаста ба тағйиру иловаҳо дар кадом сатҳ қарор дорад?

Ёдовар мешавем, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.01.2017, №45 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Аз ҷумла, тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда баъзе аз номгӯи намудҳои фаъолият хориҷ ва дар таҳрири нав қабул шуданд, ки зарурати иваз кардани гурӯҳи фаъолияти соҳибкорони бо патент фаъолияткунандаро ба миён овард.

Бо дарназардошти дар таҳрири нав қабул гардидани номгӯи намудҳои фаъолияти дар гурӯҳҳои 9 (“Фурӯши молҳои омехтаи ниёзи мардум ва хӯроквории дар растаҳои ғайристатсионарӣ”) ва 10 (“Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ (ба истиснои техникаи маишӣ ва телефонҳои мобилӣ, бе тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо)”) пешбинигардида, ки шумораи онҳо, дар маҷмӯъ, 38124 нафар ё 49,7 фоизи шумораи умумии соҳибкорони амалкунандаро ташкил медод, мутаассифона, гузариши соҳибкорон аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз то ҳол дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидааст.

Ба ҳолати 1 июли соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи умумии соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро гузаштаанд (бо дарназардошти субъектҳое, ки аз рӯи гурӯҳҳои мазкур фаъолиятҳои худро қатъ намудаанд ва ба дигар гурӯҳҳо гузаштаанд), 35794 адад ё 93,8 фоиз ва тафовути шумораи соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд, 2385 ададро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи гузариши соҳибкорон аз рӯи гурӯҳҳои мазкур бо дарназардошти соҳибкороне, ки фаъолиятҳои худро қатъ намудаанд ва ба дигар гурӯҳҳо гузаштаанд, дар ин давра, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 98,1 фоиз, вилоятҳои Хатлон 93,2 фоиз, Суғд 97,9 фоиз, шаҳри Душанбе 88,8 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 94,6 фоизро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки нишондиҳандаҳои мазкур дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз аз ин ҳам пасттар мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи бештари соҳибкороне, ки гурӯҳи фаъолияти худро ба талаботи қарори мазкур мутобиқ накардаанд (аз 10 нафар зиёд), дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 164 нафар, Кушониён 18 нафар, Вахш 56 нафар, Хуросон 12, Қубодиён 15, Ҷалолиддини Балхӣ 20, Абдураҳмони Ҷомӣ 11, Ҷайҳун 12, Панҷ 54, Шаҳритуз 72, Ёвон 20, Кӯлоб 106, Муъминобод 12, Восеъ 43, Ҳамадонӣ 53, Фархор 19, Данғара 62, Гулистон 11, Хуҷанд 30, Панҷакент 34, Истаравшан 28, Ашт 24, Спитамен 20, Бобоҷон Ғафуров 52 нафар, Шоҳмансур 41 нафар, Фирдавсӣ 927 нафар, Сино 86 нафар, Ваҳдат 119 нафар, Турсунзода 75, Ҳисор 37 нафар ва Рӯдакӣ 69 нафарро ташкил медиҳад.

Инчунин, бо дарназардошти пурра аз номгӯи намудҳои фаъолият аз гурӯҳҳои 37 (“Чаронидани чорво”), 41 (“Хизматрасонии боркашонҳо дар фурудгоҳи ҳавоӣ, истгоҳи роҳи оҳан ва терминал”), 43 (“Хизматрасонӣ оид ба мубодилаи асъор дар нуқтаҳои махсусгардонидашудаи статсионарӣ”) ва 48 (“Фаъолияти байторӣ”) хориҷ гардидани якчанд намуди фаъолият, ҷиҳати қатъ намудани фаъолияти чунин соҳибкорон бояд чораҷӯӣ мешуд. Аммо таҳлили ҳолати қатъгардонии фаъолияти соҳибкорон аз рӯи гурӯҳҳои мазкур нишон додааст, ки ба ҳолати 01.04.2019 фаъолияти 138 нафар қатъ гардонида шудааст, ки 64,5 фоизи шумораи умумии соҳибкорони фаъолиятошон қатъгардидаро ташкил медиҳад ва тафовути шумораи соҳибкороне, ки фаъолиятҳои худро қатъ накардаанд, 76 ададро ташкил медиҳад.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

## В США могут уменьшить налог на зарплату для борьбы с кризисом

### Эта мера может положить конец растущим опасениям по поводу возможной рецессии

Белый дом рассматривает возможность краткосрочного снижения налога на зарплату с целью стимулировать американскую экономику, предотвратить возможную рецессию, а также остановить замедление роста экономики, пишет ТАСС со ссылкой на The Washington Post.

Советники президента США Дональда Трампа рассматривают эту и несколько других возможностей для того, чтобы прервать растущие опасения по поводу возможной рецессии. Данного рода обсуждения находятся на ранней стадии, но их проведение показывает «растущую обеспокоенность по поводу экономики со стороны» ключевых помощников президента, отмечает издание. Также, по словам источников газеты, в Белом доме еще не приняли решение о том, следует ли продвигать эту инициативу в Конгрессе.

**http://taxpravo.ru**

**Бақияи қарзи андозҳо дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 июни соли 2019 , дар маҷмӯъ, 700,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 25,4 млн. сомонӣ кам гардидааст. Ин аст, ки масъалаи мазкур дар ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда” мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор гирифта, таъкид гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзи андозҳо дар 59 шаҳру ноҳия дар ҳаҷмҳои гуногун кам шуда бошад ҳам, мутаассифона, он дар як қатор шаҳру ноҳияҳо афзудааст. Шумораи андозсупорандагони қарздор, ба ҳолати 1 июни соли 2019, дар маҷмӯъ, 36580 адад, аз ҷумла, шахсони ҳуқуқӣ 9 620 адад ва соҳибкорони инфиродӣ 26950 ададро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 9430 адад ё худ 25,8 % кам гардидааст.**

# Масъулиятношиносӣ –

## заминаи ба вуҷуд омадани қарзи андоз

Мутаассифона, ҳолатҳои пайдоиш ва бо мурури вақт афзоиш ёфтани қарзи андоз дар фаъолияти баъзе андозсупорандагон ҳанӯз ҳам ҷой дорад.

Чанд мисол меорем. Ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди “Сино-90” ва “Нури Шариф” низ аз қарздорони асосианд. Аввалӣ аз буҷет 1735356 сомонӣ ва дуюмӣ 1675356 сомонӣ бақияи қарзи андоз доранд. Корхонаҳои номбурда чандин маротиба дар ситоди доимоамалкунандаи барҳамдиҳии бақияи қарзи андози назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ мавриди муҳокима низ қарор гирифта буданд. Аммо аз бемасъулиятӣ бақияи қарзи андозро кам карда натавонистанд.



“Харбуза аз харбуза ранг мегираду ҳамсоя аз ҳамсоя панд”, - мегӯянд дар урфият. Корхонаи фаръӣ-давлатии “Идораи махсусгардонидашудаи механизатсия”-и КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” (роҳбараш С. Тоҷов), аз андоз ба маблағи 520029 сомонӣ, ҶДММ “Амо-рат О” (роҳбараш О. Исмоилов) ба маблағи 476879 сомонӣ, ҶДММ”Аҷам-2016” (роҳбараш Қ. Алиев) ба маблағи 171386 сомонӣ, ҶДММ “Саманди Сомонӣ” (роҳбараш Ш. Субҳонов ба маблағи 129980 сомонӣ, ҶСК “Экспедитсияи иктишофи геологии ҷанубӣ” (роҳбараш М. Ғоибов) ба маблағи 93553 сомонӣ,ҶДММ “Мафтуна индастрӣ” (роҳбараш Г. Шарипова) ба маблағи 82174 сомонӣ, ҶДММ “Мағзумиён” (роҳбараш М. Боева) ба маблағи 15115 сомонӣ ва соҳибкорони инфиродӣ Ашуралӣ Зоҳиров 64661 сомонӣ, Файзаҳмад Сайфиддинов 10417 сомонӣ қарздор буда, баҳри барҳам додани қарзи андоз ҳатто кӯшиш ҳам намекунанд.

Бояд гуфт, ки ҳолатҳои пешгирии зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо ва барҳамдиҳии он кори дастаҷамъона буда, мутобиқи талаботи бандҳои 11-13 Дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо», ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.01.2013, таҳти №22 дар мувофиқа бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, барҳамдиҳии бақияпулиҳои андоз ва гирифтани пеши роҳи афзоиши он, аслан, ба зиммаи кормандони масъули шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузошта шудааст. Аз ин нуқтаи назар мутобиқи талаботи дастури зикргардида, таҳия ва пешниҳоди огоҳинома оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои андоз ба муҳлати 20 рӯз, таҳия ва ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ (парвандаи назоратӣ) оид ба зарурати татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо маҳз ба зиммаи нозирони андози шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор шудааст.

Кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ бо мақсади ҳарчи бештар ба буҷети мамлакат баргардондани маблағи қарзи андози андозсупорандагон ва тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури методӣ «Дар бораи татбиқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» барои дар муҳлати муқарраргардида таъмин нашудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз тарафи андозсупорандагон нисбати онҳо чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳоро амалан татбиқ намуда истодаанд.

Бояд қайд кард, ки дар асоси муқаррароти зербанди 1, банди 3, моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути барномаи компютерии СИА «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» дар ҳафт моҳи соли 2019 ба андозсупорандагони қарздор оид ба зарурати пардохти қарзи андоз ба маблағи умумии 22142,5 ҳазор сомонӣ 2654 адад огоҳинома дода шудааст, ки то ба имрӯз аз маблағи огоҳиномаҳои додашуда 13450,8 сомонии он ба буҷа пардохт шудааст.

Бо мақсади чораҷӯӣ ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадории дар муҳлаташ иҷронашудаи андоз бо тартиби ғайрисудӣ дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ нисбати 70 нафар андозсупоранда ба маблағи умумии 5510,2 ҳазор сомонӣ 116 адад қарор қабул ва аз ин ҳисоб ба буҷет 3276,4 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки 59,5 фоизи маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил менамояд. Ҳамзамон, иҷрои пурраи 45 адад қарор ба маблағи умумии 2 354,7 ҳазор сомонӣ таъмин гардидааст.

Ҳамчунин, дар маҷмӯъ, 441 адад ҳуқуқвайронкунии андоз ба маблағи умумии 707316 сомонӣ ошкор ва аз маблағи номбурда 327352 сомонии он ба буҷет ворид карда шудааст. Дар қиёс нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи ҷаримаҳои маъмурӣ ба миқдори 36 адад афзоиш ёфта, маблағи он 86 734 сомонӣ зиёд мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тадбирҳои дар самти барҳам додани бақияпулиҳои андоз андешидашуда натанҳо дар кам шудани маблағи қарзи андозҳо мусоидат менамояд, балки баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ бетаъсир намемонад.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**ноҳияи Рӯдакӣ**

# Татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ

**Яке аз чораҳои таъсирбахше, ки ба интизоми дурусти андозсупории андозсупорандагон мусоидат мекунад, татбиқ намудани муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Яъне дар ҳолати вайрон намудани интизоми андозсупорӣ кормандони мақомоти андоз вазифадоранд, ки тибқи қонунгузорӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ намоянд.**



Ҷаримаи маъмурӣ чораи маҷбуркунии давлатӣ буда, тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ нисбат ба шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ мешавад. Мақсад аз ин, пеш аз ҳама, тарбия кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин, пешгирӣ намудани ҳукуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда ва шахсони дигар мебошад.

Андозсупоранда дар ҳолате ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки агар аз ҷониби он кирдори зиддиҳуқуқӣ содир гардида, барои ин кирдор дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шуда бошад. Яъне, иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нашудани муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кирдори зиддиҳуқуқӣ эътироф мегардад.

Бояд ёдрас шуд, ки тибқи муқаррароти моддаи 603 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Таҳлили ҳисоботи пешниҳоднамудаи мақомоти ҳудудии бақайдгирии давлатӣ муайян намудааст, ки дар шаш моҳи сипаригардидаи соли ҷорӣ аз ҷониби шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ 866 ҷаримаи маъмурӣ ба маблағи 351131 сомонӣ таъин шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан 628 адад ва 99719 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Тавре аз Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, дар ин давра аз тарафи шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар ВМКБ 26 адад, вилояти Суғд 262 адад, вилояти Хатлон 278 адад, шаҳри Душанбе 189 адад ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 111 ҷаримаи маъмурӣ таъин намудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи сол 2018 дар вилояти Суғд 320 адад, вилояти Хатлон 291 адад, шаҳри Душанбе 30 адад кам мебошад.

Қайд бояд кард, ки татбиқи дурусти моддаи 603 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ бевосита барои ҷорӣ гардидани интизоми ҳуқуқии андозсупорандагон метавонад мусоидат намояд.

Ҳамзамон, мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» амалҳои бақайдгирии давлатӣ оид ба гузашти ҳисса (саҳм) дар сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ бо Кумитаи андоз мувофиқа мешавад ва аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз хулоса таҳия мегардад.

Дар ин давра, аз ҳисоби шартномаҳои гузашти ҳисса (саҳм) дар сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ ба буҷети давлатӣ 1943713,2 ҳазор сомонӣ маблағ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 5617132 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Ба як шаҳрванд додани ду ё зиёда рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) имрӯз барои мақомоти андоз масъалаи ташвишовар гардидааст. Вобаста ба ҳолати мазкур кормандони шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалҳо вазифадор шудаанд, ки ҳар як муроҷиаткунандаро оид ба доштани ду ё зиёда РМА тавасути барномаҳои компютерии СИА мавриди санҷиш қарор диҳанд ва дар мавриди ошкор гардидани чунин ҳолатҳо барои бекор кардани РМА-ҳои иловагӣ чораҷӯӣ намоянд. Дар ин замина зиёда аз 500 адад муроҷиати шаҳрвандон дар бахшҳои бақайдгирии давлатӣ баррасӣ ва РМА-ҳои иловагӣ бекор шуданд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи нақшаи чорабиниҳо "Оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорон" аз 28 октябри соли 2017 модули нави электронӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо тартиби электронӣ таҳия шуда, дар барномаи нави Системаи иттилоотии андоз "Идоракунии бақайдгирии давлатӣ" ҷойгир гардидааст.

Дар ин асос, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ вазифадор гардидаанд, ки тартиби мазкурро пурра мавриди истифода қарор дода, бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидорро бо тартиби мазкур ба роҳ монанд.

Ҳамчунин, Раёсати бақайдигирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки барои ба таври васеъ истифода гардидани тартиби нави ҷоригардида дар байни андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳиро пурзӯр намуда, тартиби мазкурро мукаммалтар гардонад.

**М. ҶУМЪА**

# Роҳҳои муфид

**Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят бо мақсади коҳиш додани бақияи қарзи андозҳо пайваста чораҳои зарурӣ меандешанд.**

Дар шаш моҳи соли 2019 дар сатҳи вилоят нисбати андозсупорандагони қарздор ба маблағи умумии 84,2 млн. сомонӣ 2386 адад қарор қабул ва аз ин ҳисоб ба даромади буҷет 50,1 млн. сомонӣ ворид шуд, ки 59,4%-и маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии 2386 адад қарор, иҷрои 1571 адади он пурра таъмин гардидааст, ки ба 66%-и шумораи умумии қарорҳои мазкур рост меояд.

Аз шумораи умумии қарорҳои дар шаш моҳи соли 2019 қабулгардида 189 адади он дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷоти бонкии андозсупоранда, 744 адад қарор ба маблағи 47,1 млн. сомонӣ дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои дар суратҳисоби бонкӣ мавҷудбудаи андозсупорандагон ва дебиторони он, 2 адад қарор ба маблағи 225 ҳазор сомонӣ дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулки андозсупоранда ва ба фурӯш баровардани он, 1451 адад қарор ба маблағи 32 млн. сомонӣ дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақдии андозсупорандагонро дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки дар асл шумораи умумии қарорҳои дар шаш моҳи соли 2019 қабулгардида нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 1326 адад, иҷрошуда 951 адад, маблағи қарорҳо 19,6 млн. сомонӣ ва воридоти маблағ аз ин ҳисоб 21,5 млн. сомонӣ зиёд аст.

**С.РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# Самараи фаъолияти нимсола



Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ аз ҷониби шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 3878 андозсупоранда, аз ҷумла 181 шахси ҳуқуқӣ, 625 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 3062 соҳибкори инфиродии тибқи патент амалкунанда ва 10 адад филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба қайд гирифта шуданд. Ҳамчунин, дар ин давра, 2477 андозсупоранда, аз ҷумла 132 шахси ҳуқуқӣ, 415 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда ва 2064 соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда, 3 адад филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ фаъолияти худро қатъ намуданд. Бо вуҷуди ин, шумораи андозсупорандагон нисбат ба аввали сол 1401 адад, аз ҷумла 49 шахси ҳуқуқӣ, 210 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома ва 998 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 7 адад филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ зиёд гардиданд.

Дар шаш моҳи аввали соли 2019 бо мақсади назорат ва риояи қонунгузории андоз дар асоси нақшаи тасдиқшуда ва муроҷиатҳои андозсупорандагон аз ҷониби кормандони Раёсати андоз дар фаъолияти 533 андозсупоранда санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, ба маблағи зиёда аз 10,3 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардида, бо дарназардошти бақияи қарзи санадҳои санҷишҳои пешина 11,9 млн. сомонӣ ба буҷет ворид шудааст.

Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 162 нафар шахси воқеии бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулгардида низ муайян шудааст. Дар ин давра 966 субъект бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардида, нисбати 366 андозсупоранда ба маблағи 890,2 ҳазор сомонӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Ҳамчунин, дар натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва ба буҷет таъмин ва 40 андозсупоранда бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин гардиданд.

Дар натиҷаи анҷом додани назорати камералӣ нисбати 1170 андозсупоранда (бо дарназардошти НАМ ва НАК) ба маблағи 89,6 млн. сомонӣ кам ҳисоб намудани андозҳо ошкор шудааст. Бо пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз ин маблағҳо иловагӣ ҳисоб шуда, аз ин 22,2 млн. сомонӣ аз ҳисоби изофапардохтҳо рӯйпӯш ва 45,7 млн. сомонӣ ба буҷетҳои дахлдор ворид гардидаанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Аргентине отменят НДС на базовые продукты

## Это связано с обвалом курса национальной валюты

Власти Аргентины отменят НДС на продукты из базовой продовольственной корзины из-за резкого увеличения цен, который был вызван снижением курса национальной валюты, поведал президент страны Маурисио Макри, пишет ТАСС.

«Из-за ситуации, произошедшей в понедельник (обвала курса), я принял беспрецедентное в истории Аргентины решение — отменить НДС на основные продукты питания», — заявил он в видеообращении, которое было опубликовано в Twitter.

Продукты, среди которых, к примеру, хлеб, лапша, сахар, масло и рис, будут освобождены от НДС, размер которого в Аргентине составляет 21%, до конца 2019 г.

**http://taxpravo.ru**

# Кӯшиш баҳриислоҳи камбудиҳо

Таъмини риояи қонунгузории соҳаи андоз, бахусус ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, чораҷӯӣ ва пешгирии онҳо, инчунин татбиқи тартиби судии рӯёнидани маблағи андозҳо омили таъсирбахши ҷорӣ намудани тартиботи ҳуқуқӣ мебошад. Дар Раёсати андози вилояти Хатлон ба ин самти фаъолият аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Дар ҳақиқат, тибқи қонунгузорӣ мақомоти андоз дар доираи ваколатҳои худ салоҳияти татбиқи ҷаримаҳои маъмуриро дошта, ба ин васила дар самти ҳимояи манфиатҳои буҷети давлат, ҷорӣ намудани интизоми ҳуқуқии андозсупорандагон ва ба низом даровардани фаъолияти мақомоти андоз нақши муассир мебозад.

Ба иттилои манбаъ, дар шаш моҳи аввали соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз дар вилояти Хатлон барои вайрон намудани қонунгузории соҳаи андоз нисбати 2282 ҳуқуқвайронкунанда парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ шуда, ба маблағи 4,1 млн. сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардидааст, ки аз ин ҳисоб 2,8 млн. сомонӣ ба буҷети давлатӣ рӯёнида шудааст.

Айни ҳол дар миқёси вилоят, дар маҷмӯъ, 22297 андозсупоранда эъломияҳои андозро ба таври электронӣ пешниҳод менамоянд, ки 28,7 фисади шумораи умумии андозсупорандагонро ташкил медиҳад.

**С.РУСТАМ, вилояти Хатлон**

Чуноне ки аз натиҷаи корҳои таҳлилии мақомоти андоз бармеояд, бо вуҷуди ба роҳ мондани назорати қатъӣ ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон ҳоло ҳам ба назар мерасад.

# Зиёд шудани шумораи коргарони кироя



Сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев гуфт, ки ҳолатҳои аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ғайрирасмӣ ҷалб шудани коргарони кироя, ба таври сифрӣ пешниҳод шудани эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам мушоҳида шуда истодааст. Ташвишовар он аст, ки ҳангоми қабули эъломияҳои андоз нозироні шуъбаҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ беэътиноӣ зоҳир карда, ба асоснокии маълумоти дар эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ дарҷшуда оид ба шумораи коргарон, фонди музди меҳнати онҳо чандон диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

Тибқи маълумоти дастрасшуда то 1 июли соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 25679 адад коргари кироя ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин ҳисоб ба маблағи 28,9 млн. сомонӣ андозҳо ба буҷет ворид гардидааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи коргарони кироя 3134 нафар ва маблағи воридоти андози даромад ва андози иҷтимоӣ, дар маҷмӯъ, 9,9 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Ёдовар мешавем, ки шурӯъ аз 1 июли соли 2016 андозаи ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар 400 сомонӣ муқаррар шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки корфармо ба коргари кироя худ ҳадди ақали музди меҳнатро пардохт намояд. Музди меҳнат бояд воқеъбинона ва бо дарназардошти вазъи имрӯзаи бозорӣ муайян карда шавад.

- Аммо, тибқи таҳлили ҳисобот, - мегӯяд С. Исоев, - муайян шудааст, ки кормандони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми қабули ҳисоботи андозӣ музди меҳнати воқеии коргарони кирояи соҳибкорони инфиродиро ҳатто аз ҳадди ақали муқарраршуда ҳам кам қабул намудаанд. Аз ҷумла, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ 398,3 сомонӣ, Рушон 383,3 сомонӣ, Шуғнон 193,5 сомонӣ, Ишкошим 213,2 сомонӣ, Мурғоб 118,7 сомонӣ, Левакант 376,6 сомонӣ, Балҷувон 370,5 сомонӣ, Норак 356,7 сомонӣ, Деваштич 261,0 сомонӣ, Мастчоҳ 103,0 сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 354,1 сомонӣ, Шаҳристон 377,2 сомонӣ, Рашт 377,9 сомонӣ, Лахш 264,9 сомонӣ, Нуробод 83,3 сомонӣ, Файзобод 249,8 сомонӣ ва Шаҳринав 147,0 сомониро ташкил медиҳад, ки ба воқеият рост намеояд.

Ғайр аз ин, муайян шуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи коргарони кироя дар шаҳру ноҳияҳои Рушон 5 нафар, Вахш 10 нафар, Хуросон 63 нафар, Дӯстӣ 14 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ 18 нафар, Носири Хусрав 1 нафар, Фархор 6 нафар, Левакант 2 нафар, Муъминобод 5 нафар, Данғара 41 нафар, Норак 3 нафар ва Роғун 25 нафар кам гардидааст.

- Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда нишон додааст, ки бақайдгирии шумораи коргарони кирояи соҳибкорони инфиродӣ дар баъзе аз нозиротҳои андоз дар сатҳи паст қарор дошта, дар иддае аз мақомоти ҳудудии андоз вобаста ба зичии аҳолӣ ва миқдори соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда аз рӯи намудҳои алоҳидаи фаъолият ночиз мебошад. Нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон, Роштқалъа, Панҷ, Темурмалик, Шамсиддин Шоҳин, Бӯстон, Роғун, Лахш ва Сангвор дар нимсолаи аввали 2019 дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, умуман, коргари кирояро ошкор ва ба қайд нагирифтанд, - афзуд С. Исоев.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Таъмини шаҳрвандон бо РМА

**Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ дар нимсолаи якуми соли 2019, дар маҷмӯъ, 479 андозсупорандаро ба қайди давлатӣ гирифтааст. Аз ин рақам 9 шахси ҳуқуқӣ, 196 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, 30 соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 244 соҳибкори инфиродии тибқи патент амалкунанда мебошанд.**

Тавре мутахассиси пешбари бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия Ҷумахон Раҳмонов иттилоъ дод, феълан, дар ҳудуди ноҳия, дар маҷмӯъ, 3268 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ки аз ин 3126 адад ҳамчун андозсупоранда фаъолият намуда, 152 ададӣ дигар бо сабабҳои гуногун фаъолияти худро қатъ карданд. Дар шаш моҳи соли 2019 аз 196 адад хоҷагии деҳқонии ба қайди давлатӣ гирифташуда, маблағи боҷи давлатӣ 23 ҳазору 375 сомониро ташкил медиҳад. Айни замон дар ноҳия 707 адад соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуд, ки аз ин танҳо 485 соҳибкор фаъолият мекунад ва боқӣ фаъолияти худро қатъ намуданд.

Ёдовар мешавем, ки бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ зиёда аз 6 ҳазор сокини ноҳияро бо рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) таъмин намудааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, шаҳри Кӯлоб**

## АНДОЗҲОИ МАҲАЛЛӢ

# Афзоиши воридоти маблағҳо



Мавҷудияти бақияи қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар чанде аз нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ҳамоно ҳамчун яке аз масъалаҳои ташвишовар боқӣ мондааст. Дар Нозироти андози шаҳри Хуҷанд ба ҳолати 1.08.2019 маблағи бақияи қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон, дар маҷмӯъ, 2 миллиону 800 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

- Барои кам намудани бақияи қарзи андозҳои маҳаллӣ аз оғози соли ҷорӣ тадбирҳои зарурӣ ва амалӣ андешида шуданд, - таъкид дошт дар суҳбат бо мо сардори шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии Нозироти андози шаҳри Хуҷанд Ҷӯрабой Ҷӯраев.

- Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеӣ то санаи 1-уми августи соли равон дар асоси талаботи моддаи 45 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 20 ҳазор нафар сокини шаҳр оид ба пардохти қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул огоҳиномаҳоро дастрас намудааст. Дар натиҷа, 7 миллион сомонӣ маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон ҷамъоварӣ шудааст. Афзоиши маблағи воридшуда ба буҷет аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон дар нимсолаи якуми соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 фоизро ташкил медиҳад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Трамп допустил снижение налогов

**Президент США Дональд Трамп допускает возможность снижения налогов в стране для стимулирования национальной экономики.**



Белый дом активно ищет меры по недопущению рецессии, которую экономике США прогнозируют специалисты, передает издание The Financial Times. «Мы рассматриваем различные варианты снижения налогов», - заявил американский президент.

По некоторым данным, Дональд Трамп активизировался на фоне подготовки к президентским выборам, которые пройдут в 2020 году. В ходе предстоящей избирательной кампании ему важно продемонстрировать успехи в экономической сфере.

Вместе с тем американский лидер на словах продолжает отрицать возможность спада в экономике страны. По его словам, проблемы сейчас испытывают европейские и азиатские государства. США, напротив, чувствуют себя, как подчеркнул Трамп, очень уверенно. «Мы сейчас - страна номер один в мире по уровню экономики. У Европы много проблем. У Азии много проблем», - резюмировал он.

Между тем любые послабления в налоговой сфере потребуют одобрения конгресса. Очевидно, что Дональд Трамп может столкнуться с серьезным противодействием со стороны местных законодателей-демократов.

**https://rg.ru**

**14-уми августи соли равон ҷаласаи кории назди муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода бо иштироки сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, сардорони нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе, сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, сардорон ва кормандони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ, гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ ва Сино баргузор гардид.**

# Имкониятҳо барои таъмини нақша мавҷуданд

Дар ҷаласа нишондиҳандаҳои самти фаъолияти кормандони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеӣ ва гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ дар 7 моҳи соли 2019 мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт.

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки рафти ҷамъоварии маблағи андозҳои маҳаллӣ, хусусан, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк дар нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ғайриқаноатбахш буда, воридоти андозҳои мазкур давра ба давра коҳиш ёфта истодааст.

Рафти воридоти маблағи андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк низ ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар моҳи июли соли 2019 нисбат ба дигар моҳҳо дар ноҳияҳои Шоҳмансур ба ҳисоби миёна 200,0 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 150,0 ҳазор сомонӣ, Фирдавсӣ 250,0 ҳазор сомонӣ ва Сино аз 250 то 400,0 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст, ки нигаронкунанда мебошад.

- Дар сурати дуруст ба роҳ мондани назорати ҳамарӯза дар самти воридоти маблағи андозҳои мазкур барои таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет дар нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ягон мушкилӣ ба миён наомада, нақшаи қисми даромади буҷет барзиёд таъмин мегардид,- гуфт А. Солеҳзода.

Оид ба афзоиш ёфтани бақияи қарзи андозҳо рафти дастрас намудани огоҳиномаҳо ба суроғаи соҳибмулкон дар муқоиса бо шумораи афзоиши андозсупорандагони қарздор, рафти бақайдгирӣ ва ворид намудани маълумот вобаста ба иҷорадиҳандагони молу мулк ва қабули эъломияҳои андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк, ки ҳамчун масъалаҳои ташвишовар боқӣ монда буданд, низ дар ҷаласа сухан рафт.

Ғайр аз ин, дар ҷаласа нишондиҳандаҳои дигари самти фаъолияти шуъбаҳои ташкили андозбандӣ дар самти бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани объектҳои молу мулки ғайриманқули ба иҷорадодашуда ҳам мавриди баррасӣ қарор гирифт. Таъкид гардид, рафти бақайдгирӣ ва воридкунии маълумоти иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқули ба иҷорадодашуда дар сатҳи паст қарор дошта, ба ҳолати 1.08.2019, аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулк (4646 адад) ҳамагӣ маълумоти 3586 адад ё 45,9 фоизи иҷорадиҳандагон ба барномаи компютерӣ ворид гардидааст. Аз шумораи иҷорадиҳандагоне, ки маълумоти онҳо ба барномаи компютерӣ дохил гардидааст, эъломияҳои 2850 адад ё 67,2 фоизи онҳо ба махзани маълумот дохил шудааст халос. Дар рафти ҷаласа ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои зикргардида ва пурра ба барномаи компютерӣ ворид намудани маълумоти иҷорадиҳандагон барои соли 2019 ва ҳамзамон, таъмини пешниҳоди эъломияҳои андоз аз даромад барои соли 2018 дастур дода шуд.

Дар ҷаласа масъалаи нишондиҳандаҳои самтҳои фаъолияти гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ низ муҳокима шуд. Зикр гардид, ки рафти ҷамоварии маблағи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ ба талабот ҷавобгӯ набуда, ҳанӯз ҳам камбудиҳо дар ин самт ҷой доранд. Таъкид гардид, ки масъалаи дигаре, ки боиси нигаронӣ мебошад, ин пурра ба андозабндӣ ҷалб намудани коргарони кироя соҳибкорони инфиродӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи таҳлилҳо, новобаста аз он, ки соҳибкорон дар як минтақа ба фаъолият машғул мебошанд, аммо нишондиҳандаи музди меҳнат ба як коргари кироя дар нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе қонеъкунанда нестанд.

Мутобиқи махзани маълумот ба ҳолати 1.08.2019 гарчанде дар нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе, дар маҷмӯъ, шумораи коргарони кироя 1232 адад ва даромад дар шакли музди меҳнат ба андозаи 8798,6 ҳазор сомонӣ зиёд гардида бошад ҳам, вале дар фаъолияти 542 соҳибкор шумораи коргари кироя 895 адад ва даромад дар шакли музди меҳнат ба андозаи 3100,4 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Бо дарназардошти баррасии нишондиҳандаҳои мазкур ҳар як корманди гурӯҳ вазифадор гардид, ки сабабҳои камшавии шумора ва фонди музди меҳнати коргарони криояро мавриди таҳлили иловагӣ қарор дода, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани коргарони кироя чораҳои иловагӣ андешида, ва ҳамзамон, ҷиҳати сари вақт ба ҳисобварақаи андозсупорандагон ворид намудани эъломияҳои андоз чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамзамон, дар рафти ҷаласа доир ба фарқиятҳои ҷойдоштаи маълумоти ба таври автоматӣ аз хотираи МНХ ба мазани маълумоти Кумитаи андоз воридшуда нисбат ба нишондиҳандаҳои дар эъломияҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандагон сухан рафта, таъкид шуд, ки соҳибкорон даромадҳои андозбандишавандаи худро дар давраи семоҳаи якум ва дуюми соли 2019 ба таври сифрӣ ва дар дигар мавридаз нишондиҳандаи МНХ ба андозаи 13273,6 ҳазор сомонӣ кам пешниҳод намудаанд, ки боиси ба миён омадани фарқият дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи андозсупорандагон гардидааст, ки маблағи ҳисобшудаи эҳтимолии андози низоми содакардашуда, аз ин ҳисоб дар маҷмӯъ, ба 796,4 ҳазор сомонӣ баробар мебошад.

Дар охири ҷаласа кайд шуд, ки дар нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе захира ва имкониятҳои воқеӣ барои таъмини иҷрои нақшаи воридоти андозҳо мавҷуд мебошад. Бинобар ин, бо мақсади халалдор насохтани низоми фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ зарур аст, ки андозсупорандагон минбаъд барои пешгирӣ ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта амал намуда, фаъолияти худро дар асоси санаду меъёрҳои батанзимдаровардаи андоз дуруст ба роҳ монанд. Инчунин, аз ҳар як сардори нозироти андоз, сардори шуъба, сардори гурӯҳ ва корманди масъул, пеш аз ҳама, масъулияти баланд ва барои расидан ба ҳадафи мазкур дуруст иҷро намудани уҳдадориҳои мансабиро таъкид намуда, барои ислоҳи камбудиҳо ба масъулин муҳлат дода шуд.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

# Иҷрои талаботи қонун – асоси муваффақият

Сабабҳои асосии таъмин нагардидани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Раёсати андози вилояти Хатлон дар сари вақт пешниҳод нашудани ҳисоботи андозӣ, афзоиши бақияи қарзи андозҳо мекунанд.

Коршиносон бар он назаранд, ки ҳарчӣ бештар анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар-машварат воҳӯриҳо, таҳияи намоишҳо самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монад ва ба он бояд таваҷҷӯҳи бештар зоҳир шавад.

Ба иттилои масъулони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон давоми шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бо иштироки андозсупорандагон 270 семинар – машварат ва воҳӯриҳо баргузор шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 85 адад зиёд мебошад.

Раёсати андоз дар вилояти Хатлон баҳри баланд бардоштани дониши андозии андозсупорандагон, роҳнамоии онҳо дар иҷрои талаботи андозбандӣ, кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ диққати махсус медиҳад.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# Қарзи андозҳо коҳиш меёбад



**Бақияи қарзи андозҳо яке аз масъалаҳои ташвишовари фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб рафта, боиси нигаронии масъулон гардидааст.**

Тибқи иттилои масъулони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон бақияи қарзи андозҳо дар вилоят 174,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба маблағи 8,7 млн. сомонӣ кам шудааст. Ҳарчанд дар 22 шаҳру ноҳия дар алоҳидагӣ 10,4 млн. сомонӣ бақияи қарзи андозҳо кам гардида бошад ҳам, мутаассифона он дар 3 шаҳру ноҳия ба маблағи 1,7 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ (2 млн. сомонӣ), шаҳрҳои Левакант (769 ҳазор сомонӣ) ва Норак (702 ҳазор сомонӣ) мебошад.

Ба ҳолати якуми июни соли 2019 шумораи андозсупорандагони қарздор 17897 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 4093 шахси ҳуқуқӣ ва 13804 соҳибкори инфиродӣ рост меояд. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба аввали сол ба миқдори 7780 адад, аз ҷумла 821 шахси ҳуқуқӣ ва 6959 соҳибкори инфиродӣ кам гардидааст.

Бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ба шумораи андозсупорандагони қарздор дар шаш моҳи аввали соли 2009 ба унвонии 10660 андозсупоранда огоҳинома ба маблағи 91,1 млн. сомонӣ ирсол ва аз ин ҳисоб 28,1 млн. сомонӣ ба буҷет ворид шудааст.

**С.РУСТАМ, вилояти Хатлон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# «Ниже некуда»: Назарбаев высказался о налогах

**Елбасы Нурсултан Назарбаев на расширенном заседании политсовета Nur Otan отметил важность налогового стимулирования малого и среднего бизнеса, передает NUR.KZ.**

«Сейчас кажется, что наоборот надо налоги повысьшать. И без того, мы имеем самые низкие налоги. КПН — 20%, подоходный -10%. Такого во многих странах нет. Редко кто имеет такие налоги. Ниже некуда, как говорится. Но нам надо оживлять экономику. (Нужно определится — Ред.), нам налоги нужны или нам нужен рост экономики. Где мы больше получим в бюджет? А для этого еще раз нужно посмотреть, как нам дать послабления МСБ, чтобы у них оставались деньги для развития», — сказал Назарбаев.

Между тем, он указал на то, что это требует изучения, подсчета, чтобы не уменьшить бюджет.

Указал Елбасы и на необходимость пересмотреть бюджетную политику. Так как «вопрос госзакупа является одной из самых не прозрачных и коррумпированных сфер, где порядка 65% госзакупок на сумму почти 2 трлн тенге осуществляется из одного источника».

**https://news.mail.ru**

# Яғноб-дарае дорои имкониятҳои хуби сайёҳӣ

**«Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шудани солҳои 2019-2021-ро тамоми сокинони мамлакат бо хушҳолӣ истиқбол карданд. Аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадами дорои соҳаи сайёҳии рушдкарда бармеояд, ки ин нишонаи пойдории сулҳу субот ва амнияти дар кишвар мебошад. Дигар ин ки он ҷузъи муҳими даромад ба буҷети давлатро ташкил медиҳад. Илова бар ин, рушди соҳаи сайёҳӣ ҳангоми мавҷуд будани инфрасохтори муосир ба сокинони мамлакат, аз ҷумла, дар музофотҳо имкон медиҳад, ки даромади иловагӣ дошта бошанд. Хушбахтона, Тоҷикистон он муъҷизаҳои табиатро, ки бояд ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд, дорад. Манзараи зебои нотакрору дилфиреб, ки дар он ҳамзамон ҳамаи чор фасли сол мушоҳида мешаванд.**



Яке аз чунин мавзеи зебову нотакрор, ки диққати сайёҳони дохиливу хориҷиро ба худ ҷалб намудааст, дараи Яғноб аст, ки дар ноҳияи Айнӣ мавқеъ дорад. Яғнобдара аз шимол дар байни силсилакӯҳҳои Зарафшон ва аз ҷануб дар силсилакӯҳҳои Ҳисор ҷойгир аст. Он дар баландии 2500-3000 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад ва дорои дарёчаҳои кӯҳӣ, чашмасорҳо, канданиҳои гуногуни зеризаминӣ ва табиати зебои афсонавӣ мебошад. Дарёи Яғноб аз пиряхҳои кӯҳҳои Такалӣ сарчашма гирифта, аз байни деҳаҳо мегузарад ва ба дарёи Зарафшон ҳамроҳ мешавад, ки дарозии он 116 километрро ташкил медиҳад.

Ин водӣ яке аз минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон ба шумор рафта, дорои обҳои мусаффо ва гиёҳҳои шифобахш низ мебошад. Кӯҳҳои сарбафалаккашида, ҳавои софу беғубор, манзараҳои дилфиреб ва истиқболи гарму самимии сокинонаш касро ба ваҷд меорад. Вале аз сабаби хароб будани роҳу пулҳои ин дара сайёҳон пиёда ва бо истифода аз ягона нақлиёти ин дара-маркаб (хар) ба сӯи деҳаҳо боло мешаванд.

Бояд гуфт, ки солҳои 70-уми асри гузашта бо қарори ҳукумати Шӯравӣ мардуми ин дараро, ки аз 32 деҳа иборат буду зиёда аз 4000 аҳолӣ дошт, бо баҳонаи хафнок гардидани сукунат дар ин дара ба ноҳияи Зафаробод кӯчониданд. Мардуми ин дара бар ин назаранд, ки кӯчонидани мардум танҳо ба лозим будани қувваи кории онҳо ба замини пахта ва ба чарогоҳ табдил додани дараи Яғноб буд. Аммо мардум бо гузашти чанд сол пай бурд, ки забон, суннатҳои маҳаллӣ дар ин диёр оҳиста-оҳиста аз байн хоҳад рафт. Аз ин сабаб соли 1978 як қисми яғнобиҳо ба таври пинҳонӣ ба ватани бобоии худ баргаштанд, то чароғи бобоиро фурӯзон намоянд. Ҳоло дар ин дара 15 деҳа каму беш обод буда, дар онҳо тақрибан 400 нафар зиндагӣ мекунанд. Деҳаҳои дигар холианд...

Қадам ба қадам дараро шаршараю дарёчаҳое ташкил медиҳад, ки ба зебоии мавзеъ ҳусни дигар зам мекунанд. Аз ҷумла, дарёчае аз чор кӯҳ поён мешавад, ки онро сокинон «Оби сафед» мегӯянд. Воқеан, дар натиҷаи аз санг ба санг бархӯрда ҷорӣ шудан ва бо ранги сапсафед ба роҳи мошингард баромадани об, ба қавле, маънои роҳи сафедро доштааст.

Дар ин минтақа одамоне зиндагонӣ мекунанд, ки фарҳанг, забон ва расму анъанаҳои гузаштагони худро то имрӯз нигоҳ медоранд. Онҳо бо забони яғнобӣ гуфтугӯ мекунанд, ки он идомаи забони суғдиён ё яке аз гӯйишҳои он буда, ба гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ дохил мешавад. Бори аввал солҳои 70-уми асри нуздаҳ олим Александр Кун дар дараи Яғноб мавҷуд будани забони яғнобиро мушоҳида намудааст. Пас аз он то имрӯз дар бораи масъалаҳои гуногуни ин забон чандин пужӯҳиши илмӣ ба анҷом расидааст.

Ҳанӯз моҳи августи соли 2011 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳини сафарашон ба Яғноб гуфта буданд: «Имрӯз Тоҷикистон аз ҷиҳати боигарии забонӣ низ мисли як осорхонаи таърихи зинда аст. Чандин забонҳои қадимаи мутааллиқ ба гурӯҳи забонҳои (қадимаи) шарқии эронӣ дар Бадахшон ва яғнобӣ дар болооби дарёи Зарафшон ҳанӯз ҳам мавҷуданд. Ин забонҳо лабораторияи бебаҳои таърихии забон буда, онҳоро ҳифз кардан ва ҳарчи беҳтар аз лиҳози илмӣ, хосатан этнолингвистӣ омӯхтан зарур аст».

Ягона чизе, ки диққати сайёҳону меҳмононро ба худ ҷалб мекунад, ин фарҳанги гузашта ва забони яғнобӣ аст. Инҷо мардум байни худ ба хотири аз байн нарафтани забони модарии хеш- яғнобӣ суҳбат мекунанд ва танҳо бо меҳмонон тоҷикӣ ҳарф мезананад. Бо қарори Ҳукумати кишвар дараи Яғноб ҳамчун «Парки миллии Яғноб» эълон гардидааст, ки ҳадафи он ҳифзи забону фарҳанг ва манзараҳову ҳайвонҳои нодирӣ ин минтақа мебошад.

Чорводорӣ ва зироаткорӣ шуғли асосии мардуми дара ба шумор рафта, аҳолӣ бо гӯшту равған ва ширу саршир тамоми сол таъминанд.

Суннатҳои муҳаллии мардуми Яғноб низ идомаи суннатҳои гузаштаи шарқии эронӣ, ба вижа, суғдӣ мебошад. Яке аз ҷолибтарин суннатҳои маҳаллӣ ҳунарҳои дастии мардум, аз ҷумла кулолӣ, бофандагӣ, осиёбсозӣ (осиёби дастӣ, обӣ), ресандагӣ ва монанди инҳо аст. Ҳамчунин, суннатҳои маҳаллие марбути тиббӣ мардумӣ ва муолиҷаи анъанавии онҳо, тарзи баргузориву гузаронидани маросими арӯсӣ, наврӯзӣ, кишоварзиву чорводорӣ мавҷуданд, ки хеле ҷолиб мебошад.

Баргузории тӯйи домодиву арӯсии ин минтақа аз дигар минтақаҳои Тоҷикистон фарқ дорад ва дар он хароҷоти зиёд нест. Аз сабаби набудани роҳи автомобилгард онҳо арӯсу домодро тариқи аспу хар ва тахти навои доираву тамбӯр, ғазалсароён меоранд.

Аз ҷумла, ҷашни Наврӯзро яғнобиён бо номи ҷашни «Сари сол» ёд мекунанд. Аҳолии деҳоти қисмати соярӯяи дараи Яғноб Наврӯзро 10-12-уми март ва аҳолии деҳоти қисми офтобрӯяи дара 17-18-уми март ҷашн мегиранд. Онҳо ин ҷашнро бо пӯхтани ғизоҳои миллӣ, аз ҷумла кочӣ (суманак), далда ва кашк пешвоз мегиранд. Тафовути ҷашн дар ин минтақа дар он аст, ки бегоҳи ҷашни Наврӯз мардуми дара хӯрок пӯхта, ба ҳамсояҳову наздикон тақсим мекунанд.

Хӯроки фарққунандаи наврӯзии мардуми дараи Яғноб кашк аст. Тавре сокини деҳаи Пискони дараи Яғноб Умримоҳ Исмоилова мегӯяд, гандумро аз пӯсташ ҷудо карда, бо обу гӯшт то замони нимпаз шудан меҷӯшонанд. Баъди ғизои нимпазро аз дег ба кӯзаҳо кашида, кӯзаҳоро дар ҷӯри тафсон мегузоранд ва субҳ кашк омода мешавад. Занон то субҳ бо чӯбдасти махсус, ки онро «тирак» меноманд, барои насӯхтани таги ғизо кӯзаҳоро мекобанд. Субҳ хӯроки тайёркардаашонро ба меҳмонон медиҳанд.

Хӯроки дигари фарққунандаи ин дара «чанголӣ» аст, ки онро бо нони гарм ва равғани зард омода мекунанд. Омода кардани он вақти зиёдро намегирад ва аз қадим мардуми ин дара онро тановул менамоянд. Меҳмонро яғнобиҳо ҳатман бо ҳамин ғизо зиёфат мекунанд.

Ҳамасола ба ин минтақа сайёҳони зиёди дохиливу хориҷӣ меоянд. Сокинони ин дара меҳмондӯсту меҳмоннавозанд ва ҳар меҳмонро ба таври хоса қабул мекунанд. Вале хуб мешуд, барои рушди сайёҳии минтақа меҳмонхонаҳои наву замонавӣ низ сохта, ба истифода дода шавад, то сайёҳон дохиливу хориҷӣ бемамоният тавонанд аз онҳо истифода кунанд. Ҳамчунин, роҳҳо ва пулҳои харобшударо ҳам мебояд обод кард, то сайёҳон тавонанд бароҳат ба дурдастарин деҳаи ин дара, ки Кирёнте ном дорад, раванд ва аз урфу одатҳои қадимаи ин мардум огоҳ шаванд.

Умед дорем, ки сохторҳои дахлдор аз паси баррасии масъалаи мазкур мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки ҳам як гӯшаи диёр обод гардад ва ҳам соҳаи сайёҳӣ дар кишвар рушд намояд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Против налоговых уклонистов в России начали применять «архивные» сведения



Налоговики впервые ретроспективно применили международное соглашение по борьбе с выводом прибыли за рубеж

ФНС России впервые ретроспективно применила международное соглашение по борьбе с выводом прибыли за границу и доначислили налоги ритейлеру из Иваново. Это стало возможным благодаря выписке, которая была получена в Эстонии за время, когда между государствами еще не начался обмен сведениями, пишет Росбалт со ссылкой на РБК.

Ранее ИФНС по Иваново уличила ЗАО «Экстра», владельца гипермаркетов в регионе, в необоснованной налоговой выгоде. Компания выводила прибыль в Эстонию через техническую компанию на Кипре и на этом основании воспользовалась формальным правом платить налог с дивидендов по сниженной ставке 5% (вместо обычных 15%).

Но выписка со счета в эстонском банке за 2014—2015 гг. позволила предъявить организации почти 75 млн руб. неуплаченных налогов.

Собрать доказательства стало возможным благодаря международной Конвенции о взаимной административной помощи по налоговым делам («Страсбургская конвенция»).

http://taxpravo.ru

# ПУРСИШНОМА

## вобаста ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав

*Махфияти пурсишнома нигоҳ дошта мешавад*

**Андозсупорандаи муҳтарам!**

Тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10.05.2019 баён гардидаанд, ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2019, №АП -1236 дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав таъсис дода шудааст.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки бо мақсади муайян намудани андешаҳои шаҳрвандон - андозсупорандагон, субъектҳои соҳибкорӣ, ташкилоту муассисаҳо оид ба камбудӣ ва норасоиҳои дар Кодекси андози амалкунанда ҷойдошта ва дар таҳрири нави Кодекси андоз бартараф намудани онҳо таклифу пешниҳодҳои худро тибқи пурсишномаи мазкур ба Кумитаи андоз ирсол намоед.

Таклифу пешниҳодҳои шумо гурӯҳбандӣ шуда, ҳангоми таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав дар Гурӯҳи кории байниидоравӣ баррасӣ мешаванд.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки посухҳои худро ба пурсишнома то 01.09.2019 пешниҳод намоед.

***Эзоҳ: Барои иштироки фаъолонаатон дар пурсишнома изҳори сипос менамоем.***

### ПУРСИШНОМА

Ному насаб ё рақами телефони иштирокчии пурсишнома ______________________________

*(Агар иштирокчӣ хоҳиши махфӣ нигоҳдоштани ному насаби худро дошта бошад, пас ба ҷои ному насаб калимаи «Махфӣ» навишта мешавад)*

**Категорияи иштирокчӣ:** шахси ҳуқуқӣ ___; шахси воқеӣ ___.

Санаи тартиб додани пурсишнома «____»____________ соли 2019

1. Аз нигоҳи шумо кадом муқаррароти Кодекси андози амалкунанда садди роҳи пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ гардидааст ва ё барои рушди он монеа эҷод намуда истодааст?

| Номгӯи сархат, қисм, моддаи Кодекси андоз | Шарҳи ҳолатҳое, ки боиси садди роҳи пешрафти рушди фаъолияти шумо гардида истодааст (дар Кодекси андози амалкунанда) | Пешниҳод барои бартараф кардани ҳолати ҷойдошта дар таҳрири нави Кодекси андоз | Асосноксозии пешниҳод |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

2. Кадом муқаррароти Кодекси андози амалкунанда миёни андозсупорандагон ва мақомоти андоз нофаҳмиҳоро ба миён меоранд?

| Номгӯи сархат, қисм, моддаи Кодекси андоз, ки дар он нофаҳмӣ ё номуайянӣ ҷой дорад | Бо кадом сархат, қисм, моддаи дигари Кодекси андоз мухолифат менамояд | Пешниҳод барои бартараф кардани мухолифат ва номуайянӣ | Асосноксозии пешниҳод |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

3. Дар ҳисоб ва пардохти андозҳо чӣ мушкилиҳо доред?

| Мушкилиҳои ҷойдошта | Заминаи ба миён омадаи мушкилиро дар чӣ мебинед? | Пешниҳод барои бартараф кардани мушкилиҳо |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

4.Нисбати номгӯи андозҳои амалкунанда ва меъёрҳои онҳо фирку андешаҳои худро баён намоед.______

5. Андешаҳои шумо оид ба корҳои назоратии мақомоти андоз (санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ва амалиётии андоз, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ). ____________________________

6.Барои пешгирии иқтисоди пинҳонӣ (фаъолияти соҳибкории ғайрирасмӣ), дар асоси қонунгузорӣ ба роҳ мондани андозбандии савдои электронӣ чӣ гуна таклифҳо доред? Вобаста ба пешгирии иқтисоди соягӣ дар Кодекси андоз дар таҳрири нав кадом муқаррарот пешбинӣ карда шавад? ____________________________

7. Дар таҳрири нави Кодекси андоз маъмурикунонии андоз, аз ҷумла хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагонро, чӣ гуна дидан мехоҳед? ____________________________

***Эзоҳ:*** *Тибқи муқаррароти Кодекси андоз маъмурикунонии андоз маҷмӯи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз амалишавандаи назорати андоз, маҷбуран ситонидани андоз нисбат ба уҳдадории андозӣ дар мӯҳлаташ иҷронашуда, инчунин хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ба ҳисоб меравад.*

8. Пешниҳод аст, ки барои тибқи қонунгузорӣ пеш набурдани ҳисобдории муҳосибӣ дар қонунгузорӣ ҷавобгарӣ пурзӯр карда шавад. Ба андешаи шумо оё дар Кодекси андоз дохил намудани муқаррароти нав оид ба ҳамин масъала зарурат дорад? ____________________________

9. Дигар пешниҳодҳои шумо барои таҳрири нави Кодекси андоз ____________________________

**Барои иштироки фаъолонаатон дар пурсишнома изҳори сипос менамоем.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Бақайдгирии субъектҳои хоҷагидор

**Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Фарҳор дар 7 моҳи соли 2019, дар маҷмӯъ, 338 нафар андозсупорандаро ба қайди давлатӣ гирифтааст, ки аз онҳо 6 шахси ҳуқуқӣ, 81 соҳибкори дар асоси патент фаъолияткунанда, 10 соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунанда ва 241 адад хоҷагии деҳқонӣ мебошанд.**

Тавре мудири бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия Алишер Бобоев иттилоъ дод, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 297 субъекти хоҷагидор ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин 130 адад бо сабабҳои гуногун фаъолияти худро қатъ намудаанд.

Номбурда ҳамчунин, зикр кард, ки дар ин давра аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ маблағи 8 ҳазору 250 сомонӣ боҷи давлатӣ пардохт гардидааст. Аз ҳисоби соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда бошад 1100 сомонӣ, соҳибкорони дар асоси патент амалкунанда 4 ҳазору 455 сомонӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 26 ҳазору 510 сомонӣ ба буҷети давлатӣ маблағ ворид шудааст. Ёдовар бояд шуд, ки дар маҷмӯъ, маблағи пардохтгардида дар 7 моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби андозсупорандагони ба қайди давлатӣ гирифташуда 64 ҳазору 652 сомониро ташкил медиҳад.

Сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия Салоҳиддин Холов зикр кард, ки дар 7 моҳи соли равон аз тарафи гурӯҳи мазкур 112 соҳибкори тибқи патент амалкунанда ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.

Салоҳиддин Холов изҳор дошт, ки бақияпулиҳои қарзи андоз аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда дар ин давра 277 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Бо мақсади кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз аз тарафи гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия дар ин давра ҷиҳати рӯёнидани бақияпулиҳои қарзи андоз дар бозору марказҳои савдову хизматрасонӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинар-машваратҳо ба роҳ монда шудааст.

- Натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ буд, ки – мегӯяд Салоҳиддин Холов, - дар 7 моҳ 104 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои қарзи андоз аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда кам гардид. Ҳамчунин, нисбати соҳибкорони инфиродие, ки дар назди буҷет қарздор буданд, 421 огоҳинома ба маблағи 56 ҳазор сомонӣ ирсол ва аз ин ҳисоб 35 ҳазор сомонӣ ба беҷет таъмин гардидааст.

Дар ин давра аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 696 ҳазор сомонӣ андоз ҷамъоварӣ гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 99 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**ЭЪЛОН**

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диққати шаҳрвандон ва андозсупорандагон мерасонад, ки бо мақсади халалдор насохтани фаъолияти соҳибкорон дар самти таъмини пардохти маблағи андозҳо ва дахолати беасоси кормандони мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси муроҷиати як гурӯҳ андозсупорандагон тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 24.07.2019, №353 «Дар бораи ихтисори гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе ба бастҳои кории нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе» тағйирот ворид гардида, бастҳои кории мавҷудаи гурӯҳҳои патент дар нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе пурра ихтисор карда шуданд.

**Минбаъд соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда уҳдадор мешаванд, ки бе дахолати корманди масъули нозироти андоз маблағҳои ба таври автоматӣ ҳисобшудаи патенти худро мустақилона ҳар моҳ бе таъхир ба буҷет пардохт намоянд ва доир ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар як сол як маротиба, на дертар то санаи 1-уми марти соли ҳисоботӣ, бо мақомоти андози маҳалли қайди худ санадҳои муқоисавии дуҷониба тартиб диҳанд.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии ҷумҳурӣ махсуб мешавад, барои соли 2020 оғоз шудааст.

Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пастар аст.

# Ифротгароӣ. Ҷавонон набояд ба он ҷалб гарданд

Тибқи таҳлилу таҳқиқ ва маълумоти дақиқи мавҷуда, аксари террористону ифротгароёнро дар дунё ҷавонон ташкил медиҳанд. Ҳарчанд тадбирҳои зарурӣ то ҷое андешидаву амалӣ мегарданд, шумораи онҳо аз ин қишри ҷомеа меафзояд. Чаро? Чӣ тадбирҳои наву иловагиро бар ин бояд афзуд, то дурри мақсуд ба дастояд?

Устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмадулло Давлатов дар ин хусус зимни суҳбат иброз дошт, ки синну соли аксари ин гурӯҳ 20-25-ро ташкил медиҳад. Ба андешаи ӯ, зарур аст, ки барои ин гуна ташкилоту гурӯҳҳо ва таълиму тарбияи дурусти онҳо, яъне ҷавонон, барномаҳои махсусро қабулу амалӣ намоем. Ба ин васила, бояд маърифати ҷавонон боло биравад ва фазои холигӣ ба вуҷуд наояд.

Мусаллам аст, ки ин гурӯҳҳои даҳшатзо барои ҷалби ҷавонон исломро восита қарор медиҳанд. Дар асл, ҳақиқати ислом ва таълимоти онро ба ин гурӯҳҳо намеомӯзонанд. Бо «мағзшӯӣ» ҷавононро аз номи ин дини мубину пок ба қатлу ғорат ва иҷрои мақсадҳои нопоки худ сафарбар менамоянд.

Дигар ин ҳақиқат рӯшан ва собит гардидааст, ки террорист ҳатто ба модару падар, бародару хоҳар низ раҳм надорад. Чеҳраи аслии онҳоро бо таҳлукаву даҳшатафканӣ мардум шинохтааст.

Ба андешаи Маҳмадулло Давлатов, дар охири асри рафта ва садаи нав бо истифодаи техникаву технологияи пешрафта шакли фаъолияти худро дигар кардаанд ва бо куштору даҳшатзой собит намудаанд, ки бо онҳо ҳеҷ гоҳ муросо кардан нашояд. Масъалаи тарбия ва шахсиятсозӣ дар гурӯҳ дар маркази диққати сарварони он қарор дорад.

Ин ҷавонон бо дараҷаи баланди агрессия, бадхашмӣ, бадбинӣ мавқеи сазоворро соҳиб мешаванд. Одамонро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: муҷоҳид ва кофир. Барои ин меъёрҳои махсусро пазируфтаанд.

То ки корҳои муфид ба ҳангоми тарбияи ҷавонон ба фарҷом бирасад, равоншиносон ба се ниҳод такя мекунанд: оила, мактаб ва ҷомеа. Инчунин, онҳо тавсия медиҳанд, ки дар иҷрои дурусту сариваҳтии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» саҳми чашмрас бигиранд. Фарзандон, хоса дар синни наврасиву ҷавонӣ набояд дар муҳити зулм, беадолатӣ ба воя бирасанд. Ба шахсиятсозӣ ва иҷтимоишавии онҳо ҳамаи ниҳодҳои марбута бояд масъул бошанд.

Абдулҳай Маҳмадаминов, доктори илмҳои филология, профессор, баён дошт, ки тарбияи ҷавонон чи дар адабиёти классикӣ ва чи дар адабиёти муосир аз мавқеи хос бархӯрдор буд. Инчунин, муҳит барои тарбияи солими онҳо созгор ба шумор мерафт. Дар асри гузашта низ анъанаҳову суннатҳои нек устувору побарҷо буданд ва барои идомаи он, зиёиён масъулияти бузурги зиёд эҳсос менамуданд. Махсусан, дар рӯзномаву маҷаллаҳо ин матлаб аз мавзӯъҳои марказӣ ба шумор мерафт.

- Ба тарбияи ахлоқии наврасону ҷавонон бояд бештар диққати ҷиддӣ бидиҳем. Чанд соли охир мо таълимро муқаддам гузоштем ва дар ин самт, албатта, ба дастовардҳо ноил гардидем. Тарбия, хоса тарбияи ахлоқи миллӣ дар зинаи поёнтар қарор гирифт. Чунин муносибат, агарчи дар оғоз камтар эҳсос мешавад, баъдҳо таъсири манфии худро ба тамоми маънӣ ва паҳлуҳои худ мегузорад,- мегӯяд омӯзгору маорифпарвари собиқадор, барандаи Ҷоизаи президентӣ дар соҳаи маориф Ҳабибулло Искандаров.

Зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд: «Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем».

Сарвари давлат як солро махсус ба ҷавонон ихтисос доданд, ки он дар пешрафт ва масъулиятшиносии ин қишри ҷомеа бисёр таъсири нек гузошт.

Маҳмадулло Раҷабзода, ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, профессор, гуфт: - Дар ҳақиқат, оиндаи ҳар кишвар ба фаъолияти дурусту пурсамари омӯзгор ва рушди илму маорифи он вобаста аст. Вазъи имрӯзаи ҷаҳон, шомил гардидани ҷавонон ба ҳаракату гурӯҳҳои ифротӣ ҳар кадоми моро бештар вазифадор месозад, ки дар таълиму тарбияи ҷавонон бо ҳисси масъулиятшиносӣ саҳми чашмрас бигирем, то истиқлолияти бадастомадаро ҳифз намоянду онро таҳким бахшанд.

Пешвои миллат барҳақ иброз доштанд: «Мо бояд барои ҷавонон чунин шароите муҳайё созем ва онҳоро тарзе тарбия кунем, ки фарзандони мо дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд, илму донишҳои муосирро аз худ кунанд, касбу ҳунарҳои замонавиро омӯзанд ва оянда мақоми арзандаи худро дар ҷомеа соҳиб шаванд».

Албатта, ин беҳтарин раҳнамоӣ ва дастур барои ҳар кадоми мост. Амалӣ шудани онҳо, бешак, ба ҳалли дурусти масъала ва пешгирии ҷавонон аз ҳамроҳшавӣ ба ташкилотҳову гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ мусоидат мекунад.

**Абдулқодири РАҲИМ**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## ЭЪЛОН

### МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҷо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ

# Вазъи ташвишовар

**Рӯзҳои 23-24 августи соли ҷорӣ дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо иштироки муовини сардори Раёсати андози шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид, сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андози шаҳр Абубакр Хушвахтов ва роҳбарону сармуҳосибони корхонаву ташкилотҳои давлативу хусусии ноҳияҳои шаҳри Душанбе ҷаласаи корӣ доир гардид.**

Ҷаласаи кориро муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, таъмини маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҳар кишвар ба ҷамъоварии андозҳо робитаи мустақим дорад. Баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷамъоварии андозҳо масъалаест, ки пешорӯи кормандони мақомоти ҳудудии андоз қарор дорад. Ин аст, ки масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани бақияпулиҳои андоз, инчунин, давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии мақомоти андоз гардидааст.

Сипас, сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андози шаҳри Душанбе Абубакр Хушвахтов баромад кард. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки имрӯз шахсонеро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳарчанд дар ширкату корхонаҳои хурду бузург фаъолият менамоянду маблағҳои калони молию пулиро дар ихтиёр доранд, аммо, бино бар баланд набудани ҳисси шаҳрвандиашон, андозҳои муқаррарнамударо сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намекунанд, ки ин ба афзоиш ёфтани бақияи қарзи андозҳо оварда мерасонад.

Мавсуф аз ҷумла қайд кард, ки яке аз чораҳои таъсиррасонӣ ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо тибқи талаботи қисми 3 моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупорандаи қарздор оид ба пардохти қарзи андоз додани огоҳинома ба ҳисоб меравад. Воқеан, тартиби ҳисобкунии фоизҳо ва маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо на бо мақсади ҷазо додани андозсупоранда ё вазнин намудани шароити молиявии он пешбинӣ мешавад, балки ба он мақсад аст, ки худи андозсупоранда таворнад ба пайдошавии бақияи қарзи андозҳо роҳ надиҳад, инчунин, ба ҳолати бӯҳронӣ ё муфлисшавӣ қарор гирифтани вазъи молиявии худро пешгирӣ намояд.

Дар интиҳои ҷаласаи корӣ роҳбарону сармуҳосибони корхонаҳои қарздор ӯҳдадор шуданд, ки бақияи қарзи андозҳояшонро дар мӯҳлати кӯтоҳ пурра ба буҷети давлат пардохт намуда, ба пайдоиши қарзҳои нави андоз роҳ надиҳанд.

Дар ҷадвали зерин рӯйхати корхонаву ташкилотҳои шаҳри Душанбе, ки бақияи қарзи андозҳояшон рӯз аз рӯз дар ҳоли афзоиш аст, пешниҳод мегардад.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**Рӯйхати андозсупорандагоне, ки дар назди буҷет аз пардохти маблағҳои андоз қарздоранд (ба ҳолати 1.08.2019)**

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР**

| № | НОМГӮИ АНДОЗСУПОРАНДА | Маблағи қарзи андоз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1 | ҶСП «Суғди СХ» | -169 781 |
| 2 | КДММ «Коинот» | -86 736 |
| 3 | ҶДММ «Тех Коммуникация» | -78 783 |
| 4 | Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона» | -71 048 |
| 5 | Муассисаи истифодабарии манзили №5-и ноҳияи Шоҳмансур | -63 029 |
| 6 | Воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Самар-СН» | -53 254 |
| 7 | Муассисаи истифодабарии манзилии №6-и н. Р/О-и ш. Душанбе | -46 931 |
| 8 | ҶСП «Новоэкспорт» | -43 742 |
| 9 | Литсейи касбии хизмат ва туризми шаҳри Душанбе | -39 783 |
| 10 | ҶДММ «Ашраф 95» | -37 950 |
| 11 | Управление жилищно комунального хозяйства №1 | -34 312 |
| 12 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 63 | -33 861 |
| 13 | Филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Шоҳмансур | -29 861 |
| 14 | Муассисаи «Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» | -29 638 |
| 15 | Корхонаи фаръии «Манзил хадамотрасон»-и 2 КВД «Нақлиёти махсуси партовҳои сахти маишӣ»-и ноҳияи Шоҳмансур | -27 619 |

**(Давом дорад)**

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Бозори хусусии ШУРЧА» (РЯМ 4010004295) воқеъ дар ноҳияи Ёвон, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Ломабард 1» (РЯМ 0410021994) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Тоҷиксохтмон» (РМА 510027445) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Ганҷрез» (РЯМ 1410003293) воқеъ дар ноҳияи Файзобод, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ КВД «Комуналии маркази ҷамъоварии тухмӣ» (РЯМ 3310009780) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Абдуғафор 1» (РЯМ 3510000707) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Насим 1» (РЯМ 3310002566) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Ибодуллобобо» (РЯМ 3310004299) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Бобои Қушмон» (РЯМ 3310007975) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Усмон С» (РЯМ 2810003781) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Шуғнон» (РЯМ 7010002230) воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Равшан-2013» (РЯМ 6210006972) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳмараҷабов Комронбек (РЯМ 0530193895) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Раҳмонова Хосият (РЯМ 0230002502) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуҷалилов Маҳмудҷон (РЯМ 6330166673) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Кабутов Азизулло (РЯМ 0331253120) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Одинаев Меҳроҷ (РЯМ 7130000213) аз ноҳияи Ванҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Турдибой» (РЯМ 2930003689) аз ноҳияи Вахш бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шокирова Фотима (РЯМ 3430039232) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Давлатов Қурбон (РЯМ 2830114165) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муродова Назира (РЯМ 3830060594) аз ноҳияи Шаҳритуз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холмирзоев Суҳроб (РЯМ 2930053152) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Салимова Момагул (РЯМ 3930006062) аз шаҳри Левакант, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафаров Меҳровар (РЯМ 3830057990) аз ноҳияи Шаҳритуз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шарифов Мансур (РЯМ 5530188318) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Бенёмин» (РЯМ 1910002430) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Отаев Юсуф (РЯМ 6230047524) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷумаев Файзулло (РЯМ 6230187572) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.




Роҳбарият ва кормандони Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармутахассиси Маркази такмили ихтисос М. Расулов нисбати вафоти

**БАРОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва аҳли оилаи марҳум аз Худои таоло сабри ҷамил хоҳонанд.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 2. БАРҚАРОРШАВӢ (АНҶОМИ ҶАРАЁНИ) НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1995 – 1998)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Кор доир ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли 1998 ба анҷом расид ва дар моҳи ноябри соли 1998 дар иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Давра ба давра ҷорӣ намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1 январи соли 1999) пешбинӣ шуда буд. Махсусан, қайд карда шуд, ки дар оянда ҳамаи қонунҳои қабулшаванда ва санадҳои меъёрии оид ба андоз қабулшаванда набояд ба принсипҳо ва талаботи Кодекси андоз зид бошанд.

Қабули Кодекси андоз марҳалаи баландтарин дар ҷараёни ислоҳоти низоми андози кишвар гардид. Тавассути он ҳамаи тазодҳо байни қонунҳои пештар қабулшуда оид ба андоз барҳам хӯрданд ва номгӯи ҳамаи пардохтҳо ба давлат (андоз, гумрук, иҷтимоӣ) ба ҳам муттаҳид гардонида шуданд.

Пас аз қабули Кодекси андоз ба таври қонунӣ миқдори андозҳо аз 45 ба 17-то расонида шуд. Аз ин миқдор 15-тоаш андози ҷумҳуриявӣ ва 3-тоаш андози маҳаллӣ мебошанд. Фармонфармоии мақомоти андоз ба дараҷаи муайяне сокит гардид, ҳуқуқҳо ва салоҳияти мақомоти давлатӣ ва андозсупорандагон таъин шуданд. Мувофиқи талаботи Кодекси андоз ҳаҷми маблағи андоз аз даромад, маблағгузаронӣ ба Захираи роҳ ва Захираи ҳифзи иҷтимоӣ кам карда шуд, имтиёзҳои бесамар манъ гардиданд; пардохти андоз ва аксизҳо барои молҳои содиротӣ манъ шуданд. Инчунин, тавассути Кодекси андоз чораҳое пешбинӣ шуда буданд, ки барои рушди истеҳсолот, афзоиши неруи содироти корхонаҳо мусоидат мекарданд.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозаргонӣ қадам ниҳода, низоми андози дар чанде аз кишварҳои мутараққӣ маъмулро ҷорӣ намуд, вале дар айни замон баъзе ҷиҳатҳои анъанавӣ-таърихиро дар ин соҳа нигоҳ дошт. Сохтори воридот ба буҷети ҷумҳурӣ дар соли 1999 бад-ин қарор аст.

Сохтори воридот ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1999 (ба ҳисоби %)

| № | | Дар маҷмӯъ ба % |
|---|---|---|
| 1 | Даромадҳои умумӣ ва трансфертҳои гирифташуда | 100,0 |
| 2 | Андоз аз даромади ашхоси воқеӣ | 8,3 |
| 3 | Андоз аз фоидаи бадастовардаи корхонаҳо | 3,0 |
| 4 | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 3,5 |
| 5 | Андоз аз замин | 3,4 |
| 6 | Андоз аз арзиши изофа | 17,9 |
| 7 | Пардохтҳо барои аксиз | 4,9 |
| 8 | Андоз аз фурӯш | 25,2 |
| 9 | Пардохти гумруки | 9,9 |
| 10 | Пардохтҳои иҷтимоӣ | 11,2 |
| 11 | Андозҳои дигар | 6,5 |
| 12 | Ҷамъи воридот аз андоз | 93,8 |
| 13 | Воридоти дигари ғайриандоз | 4,2 |
| 14 | Трансфертҳои расман гирифташуда | 2,0 |
| 15 | Ҷамъи воридоти ғайриандоз | 6,2 |

**Манбаъ:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). Душанбе, 2000, с. 244.

Чунонки аз ин ҷадвал бармеояд, андозҳо манбаи асосии даромадҳои буҷет (87,4 %) мебошанд, аз ин рӯ, вазъи буҷети давлат бевосита аз ҷамъоварии онҳо вобаста аст. Дар сохтори воридот ба буҷет ҳиссаи андозҳои мустақим 38 %, ҳиссаи андозҳои ғайримустақим 49,5 %-ро ташкил медиҳад. Чунин таносуби андозҳои мустақим ва ғайримустақим, яъне афзалияти воридоти андозҳои ғайримустақим ба буҷети давлат дар давраи гузариш амри қонунист.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Муҷассамаи чароғак



Лондон бо чароғакҳои худ машҳур аст. Сокинони шаҳр пеш аз убури роҳ ҳатман сар бардошта «фармон»-ашро интизор мешаванд.

- Чароғакҳо як ҷузъи зиндагиамон гаштаанд, ҳатто дар хобамон медароянд, - хандида мегӯянд бошандагони ин зебошаҳр.

Аз рӯи муҳаббаташон дар Лондон муҷассамаи чароғакҳоро сохтаанд. Барои он ки гумон набаранд, ин муҷассама чароғаки воқеӣ аст, онро дар маркази боғ сохтаанд.

## 34000 доллар - арзиши номаи норасида




11 апрели соли 1912 табиб Ҷон Эдвард Симпсон ба модараш, ки дар шаҳри Белфат зиндагӣ мекард, нома навишта чунин хабар дод: «Модар, ман дар киштии бузурги «Титаник» кори хуб пайдо намудам».

Баъди чанд рӯз Ҷон дар қатори даҳҳо нафари дигар бар асари фоҷиаи «Титаник» ҳалок шуд. Пас аз 100 сол мактубе, ки ҳанӯз ба соҳибаш нарасида буд, дар як музоядаи шаҳри Ню-Йорк ба фурӯш гузошта шуд. Мактубро аз миёни иштирокдорони ҳайратзада нафаре бо қимати 34000 доллари амрикоӣ харид.

## Ихтирои тубаки «доно»

**Баъзе вақт мо ба хона рустанӣ оварда, онро дар тубак мешинонем ва дар кунҷи зебои хона мегузорем.**



Эҳтимол аст, ки баъзан об додани онро аз хотир барорем. Баъди якчанд ҳафта баргҳояш зард шудан мегиранд, мо кӯшиш мекунем, ки кӯмак кунем, вале мефаҳмем, ки дер шудааст. Ин мушкилӣ низ роҳи ҳалли худро дорад. Як тубаки «доно»-е ҳаст, ки метавонад рустаниро зинда намояд.

Ширкати «Mu Design» барои кӯмак дар парвариши рустаниҳо тубаки доно бо номи «Луа»-ро пешкаш мекунад. Ягона чизе, ки аз талабгорон тақозо мешавад, тавассути барнома ва коди QR пайваст кардани телефон ба тубак аст. Пас аз ин экрани зарфшикан метавонад 15 ҳиссиёти гуногунро нишон диҳад, ки ниёзҳои асосии рустаниҳоро ба монанди нури офтоб ё об бештар инъикос мекунад.

Сенсори ҳаракат имкон медиҳад, ки афзоиши рустаниро низ назорат кунед. Тубаки доно ҳоло дар фурӯш нест ва ширкат ният дорад, ки то моҳи декабри соли 2019 истеҳсоли оммавии онро ба роҳ монад.

## Суханони ҳакимона

Он кӣ интизор дорад ҳар чор фасли сол баҳор бошад, на худро мешиносад, на табиатро ва на зиндагиро.

**ххх**

Ба ҷои он ки ба торикӣ лаънат фиристед, шамъе равшан кунед.

**ххх**

Одами боадаб дарвозаи дилҳоро ҳамеша кушода мебинад.

**ххх**

Зиндагӣ гули садбарги сурхест, ки гулбаргҳояш хаёлӣ ва хорҳояш воқеиянд.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Муше дид, ки соҳибхона барояш дом гузоштааст. Вай осемасар, аз ин ҳодиса мурғ, гӯсфанд ва говро огоҳ намуд. Вале онҳо бепарвоёна гуфтанд, ки мушгирак дарди сари туст ва ба мо дахле надорад.

Аз қазо дар мушгирак море дармонд ва завҷаи соҳибхонаро газида, бистарӣ кард. Соҳибхона барои бемор аввал мурғро кушта, хомшӯрбо пухт. Баъдан, бахри наҷоти ӯ гӯсфандро қурбонӣ кард. Вале завҷаашро наҷот дода натавонист. Охирин ҷонвари хона – говро барои гузарондани маросими азо сар бориданд.

Муш ин ҳамаро аз сӯрохии девор назора менамуд ва аз он дар ҳайрат буд: мушгираке, ки ба мурғ, гӯсфанд ва гов дахле надошт, якояк сари онҳоро хӯрд.

**Сабақи андарз:** *Дар ин дунё мо пайванди ҳамем ва агар касе гирифтори кулфате шавад, дигаре низ талхии онро хоҳад чашид.*

## ФОИДАИ ОМЕХТАИ АНҶИР ВА ЗАЙТУН

Истеъмоли якҷояи ин ду маҳсулот дар тиб биёр фоидаовар маҳсуб меёбад. Сабаб ин аст, ки онҳо ба организми инсон ба дараҷаи рекордӣ таъсири мусбат мерасонад. Хусусияти омехтаи анҷир ва зайтун миқдори холестирини хунро кам мекунад. Аломатҳои пириро бартараф месозад. Инчунин, истеъмоли он қобилияти кориро зиёд намуда, ба бадан қувва бахшида, муқобили бемориҳои рӯҳӣ мубориза мебарад.

Бочу хироч

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Тоҳир ЧИЛАЕВ

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 58 856**